ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
www.anvor.tj №4 (349) 3-юми майи соли 2024, ҷумъа (оғози нашр: соли 1994)







# ПАНҶ ҶОЙИ ИФТИХОРӢ ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ

*Санаи 24.042024 бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кохи Сурушии шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи илми тоҷик маросими ҷоизасупории ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ва «Магистранти сол» баргузор гардид.*

*Озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» миёни донишҷӯён, магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ва унвонҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар он аз 47 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 23 муассиса корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ихтироотҳои донишҷӯёну магистрантон ва унвонҷӯёну докторантон аз рӯи ихтисос (PhD)-ро дар ҳаҷми 181 кори илмӣ ва лоиҳаҳои ихтироотӣ пешниҳод намуданд.*

*Тибқи хулосаву баҳогузории комиссияи экспертии озмун кори беҳтарини илмию таҳқиқотӣ ва лоиҳаҳои ихтироотии донишҷӯёну магистрантон ва унвонҷӯёну докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) муайян гардиданд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дар озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ширкат намуда, дар маҷмуъ соҳиби 42 ҷойи ифтихорӣ (20 ҷойи 1, 14 ҷойи 2 ва 8 ҷойи 3) ва 14 ифтихорнома гардиданд.*

*Хурсандиовар аст, ки дар миёни дастаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дастаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар озмуни «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» соҳиби 5 ҷойи ифтихорӣ гардида, бо диплом ва мукофоти пулӣ қадрдонӣ шуданд:*

*1. Назримадова Миҷгона Ёралиевна, донишҷӯи курси 5-уми факултети физика ва математика дар Бахши фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ (физика), зери роҳбарии ассистенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ Шарипов Сафаралӣ сазовори ҷойи якум;*

*2. Шомадова Фарида Тоҷидиновна, донишҷӯи курси 1-уми факултети филологияи рус дар Бахши фанҳои гуманитарӣ (филология), зери роҳбарии дотсенти кафедраи забони муосири рус Шарифзода Одинамо сазовори ҷойи якум;*

*3. Давлатов Муҳаммад Шералиевич, донишҷӯи курси 3-юми факултети иқтисод ва идора дар Бахши иқтисодӣ, зери роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ Ҳасанова Фарзона сазовори ҷойи сеюм;*

*4. Исоева Фариза Муҳаммадҷоновна, магистранти курси 1-уми факултети химия ва биология дар Бахши фанҳои тиббӣ, зери роҳбарии дотсенти кафедраи биология Исупов Дилшод сазовори ҷойи ифтихорӣ;*

*5. Назаров Аминҷон, корманди Донишгоҳ дар Бахши ихтироъкорӣ ва навоварӣ, зери роҳбарии дотсент, мудири кафедраи илмҳои компютерӣ Шарипов Аламшо сазовори ҷойи ифтихорӣ.*

*Ҳамчунин, дар идома ба Шарифзода Одинамо, дотсент ва Шарипов Сафаралӣ- ассистент бо назардошти муваффақияти шогирдон дар озмуни “Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон” Сипоснома ва ба Қурбонова Умеда, дотсент, сардори шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогӣ ҷиҳати фаъолияти назаррас Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.*

**КАМ ОЯДУ ДЕР ОЯД...**




**БАЧАҲОИ АШӮР САФАР**




**ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ДОНИШГОҲ**




**ХИЗМАТ БА ВАТАН**




**ХАБАРҲО**



*Қалам, ки ёри ҷонии Зафар шуд,*
*Давоми зиндагонии Зафар шуд. Ҳақназар Ғоиб*



# МОДАРИ ГЕТӢ ЧУ Ӯ ФАРЗАНД БИЗОЯД?

## Дар сӯги донишманд Зафар Мирзоён

***Сабри бисёр бибояд падари пири фалакро,***
***Ки дигар модари гетӣ чу ӯ (ту) фарзанд бизояд.***

Мисраҳои гуҳарбори Саъдии бузургворро бо андак тағйире муқаддимаи ин таълиф баргузидам. Мисли он ки Саъдӣ Шерозӣ ин мисраҳоро ба шахсияте мисли Зафар Мирзоён эҳдо намуда бошад, чун таърих такрор мешаваду шахсиятҳояш не.

Даргузашти устод Зафар Мирзоён ҳамчун як узви фарҳехтаву тобнок, пандомӯзу роҳкушои ҳамагон, собиқадори соҳибмақоми меҳнат, мушовиру роҳнамои ғамхор, қаламкаши моҳиру дилсӯзи Ватан барои коллективи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ талафоти бузург аст. Шайх Саъдӣ низ таъкид бар он дорад, ки сабри бисёр мебояд, то ки фарзанде фарзона гардад.

Пештар равоншод Зафар Мирзоёнро аз тариқи нашрияҳои даврӣ мешинохтам. Таълифоташ реша дар ҳақиқат доштанду аз мағз-мағзи таърих арқоми бурҳони бодалелро рӯйи саҳфа мекориданд. Сухани бепояву бедалел надоштанд, таҳқиқоташ бештар ба таърихи адабу фарҳанги миллӣ ихтисос дошту мӯшикофона пажуҳиш мекарду ҷасурона вориди майдони баҳс мегардид.

Шахсияти устод Зафар Мирзоён баъди ба симати ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин гардиданам, бароям рӯшан гардид. Ӯро дар Донишгоҳ, ки дар маснади мушовири ректор ифои вазифа дошт, ҳамчун дастёр, мушовири ғамхору роҳнамои хуб, шахсияти болобаланд, хушгуфтору хушқиёфа, хушлибосу хушрафтор, хушахлоқу фарҳехта, марди поку самимӣ ва инсони хоксор дарёфтам. Дар ҳамаи самтҳои фаъолияти корӣ назари устодро мешунидему аз он истифода мекардем.

Дар замири ниёкони мо фазилати дӯстиву рафоқат, ҳамдигарфаҳмию садоқатварзӣ ва худқурбонкуниҳо баҳри рушду ташаккули Ватан ва тарбияи насли инсонсоз андарзу андешаҳои ҷолибе баён ёфтаанд, ки инсонро ба ҳамзистиву накӯкорӣ, ёрӣ ба ҳамдигар, дармон бахшидан ба дардҳои аз рӯзгор расида, садоқатварзӣ, хидмати бедареғ ва дурӣ ҷустан аз низову нифоқ даъват мекунанд. “Бани одам аъзои якдигаранд, ки дар офариниш зи як гавҳаранд” гуфтаи Саъдии бузург, «Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон, бартар аз дидори рӯи дӯстон…» фармудаи устод Рӯдакӣ, «Дарахти дӯстӣ биншон…» нигоштаи Хоҷа Ҳофиз, «То тавони дӯстонро гум макун» таъкиди Мирзо Турсунзода ва боз даҳҳо таъкидҳои гуҳарбори инсонсози гузаштагони мо далели арҷ гузоштан ба дӯстиву меҳрпайвандии инсонҳо мебошад, ки устод Зафар Мирзоён дар меҳвари ҳамин таълимот қарор доштанд ва шиори ҳамешагии зиндагиашон ҷуз аз меҳрпайвандӣ ба инсоният ва хидмат ба халқу Ватан чизи дигар набуд.

Устод Зафар Мирзоён беҳтарин шахсияти ватандӯст шинохта шуда буданд. Ӯро ҳамчун намоде аз феҳристи фарҳангиёни миллат мешинохтанду эътирофаш мекарданд. Дар сӯги эшон саҳфаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ варақгардон шуданд. Даргузашти устод Зафар Мирзоён барои аҳли илму адаб ва шоирон илҳоми андӯҳ халқ кард. Ёдгор Нозир бо сад дареғ мегӯяд:

*Як варақ аз дафтари*
*“Шаҳнома” канд,*
*Синае аз Ориёӣ чок шуд.*
*Пайкаре аз донишу ақлу ғурур,*
*Дар мазори дидаи ман хок шуд.*
*Ӯ худ акнун Ховалинг*
*гардидааст,*
*Дар қатори Чилчанор аст ӯ*
*чанор.*
*Бар ба бар бо сад мазори*
*Ховалинг,*
*Хокдони ӯст бахри ман мазор.*

Дарк мекунам, ки ҳаёт абадӣ нест ва яке паси дигар рӯзе ба зиндагӣ хотима мебахшанд, лекин таҳаммули даргузашти шахсиятҳо мисли устод Зафар Мирзоён сахту сангин аст. Ҳанӯз ҳам боварам намеояд, ки устод имрӯз бари мо нест. Бузургони мо марги шахсиятҳои барӯманд, афроди соҳибназар, инсонҳои донишманду худогоҳ ва саршиносу фарҳехтаро бо афсӯсу надомати сангин тасвир мекарданд. Барои мо, ки як қадар ҷавонтар будем, он ҳама афсусу надомати бузургони худ як тасвири маъмулӣ менамуд. Баъдан дар шинохтамон онро ҷо кардем, зеро заҳмати расидан ба мақому шуҳрат ва ҷойгоҳро дарк кардем. Аз даст додани шахсиятҳои саршиносу фарҳехта, ки дар ташаккули шахсияти он заҳмати наздик ба як аср, бедорхобиҳову такопуҳои шабонарӯзии сангин сарф гардидааст, афсӯсу надомати зиёде ба қалбҳо меорад.

Дар сӯги устод Зафар Мирзоён саҳфа – саҳфа ғамнома таълиф гардид. Ҳар кадом дар мазмуни худ маънои дардолудаву таассуфроз доштанд. Яке аз афсӯси дур будан аз ӯ дошту дигаре аз даст доданашро нола мекард. Нафари дигар реҳлати устодро “камбағал” шудани хазинаи рушанфикрони кишвар баҳо дода, ба риштаи назм кашидааст:

*…Ҷигараш хун зи ғаму доғи*
*Ватан,*
*Ҷигараш буд ҷигари Фирдавсӣ.*
*Қаламаш бо аламаш бо ҳам буд,*
*Дафтараш шуд сипари*
*Фирдавсӣ.*
*Пури Фирдавсӣ, агар рафт*
*ҷавон,*
*Гашт ӯ худ писари Фирдавсӣ.*
*Гарчи зебонасаби неке дошт,*
*Хуш бигӯям: ЗАФАРИ*
*ФИРДАВСӢ!*



Бузургворӣ ва рафтори накуву фурӯтанӣ дар замири устод ҷӯш мезад. Ҳеҷ гоҳ даъвои ҷоҳу ҷалол ва шуҳрат намекард. Устод Зафар Мирзоён давоми умри худ пайи дараҷаву унвон нагаштанд. Унвон надоштанд, лекин ба маънои пурааш донишманди воқеиву суханварӣ барҷаста буданд. Расидан ба мақоми номзаду доктор барояш муддате кор буд, аммо аз чи буд, ки нахостанд. Аммо иззаташ ҳамеша боло буду манзалаташ ҷойгоҳ дошт. Суханаш таъсиргузору ҳаводораш вофир. Дар ҳар маҳфиле сухани чидаю баргузида дошт, дар назар мерасид, ки пештар омодагӣ дида бошад.

Чанд рӯз пеш аз фавташон мисли он ки аз охири умр хабар доштанд, як китобашонро бо номи «Се шикасти ориёиҳо» оҷилан ба дасти чоп доданд. Ин китоб бо маблағгузории Донишгоҳ аз нашр баромад ва дасти хонанда расид. Баъди нашри ин китоб як хастагие аз равони устод камтар шуд. Эҳсос мешуд, ки масъулияти азимиеро паси сар намуда бошад. «Се шикасти ориёиҳо» охирин умеди устод гардиду оғози омӯзишу таҳқиқ ва шинохти таърихи миллат. Донишманди тоҷик Абдуллоҳи Раҳнамо даргузашти Зафар Мирзоёнро дар ҳошияи нашри китоби «Се шикасти ориёиҳо» шикасти чоруми ориёиҳо ном бурда, устодро рӯшангари роҳи миллат, посдори фарҳанг ва муҳофизи тамаддуну арзишҳои миллӣ эътироф намуданд.

Устод Зафар Мирзоён бо хидматҳои шоёну мондагори худ дар саҳфаи таърихи миллат номи худро бо хатҳои зарин навишта кард. Ӯ хидматеро барои миллат адо кард, ки даркаш дар тасаввур намеғунҷад. Сад афсӯс, ки аз ӯ кам баҳра бурдему суҳбатҳояшро дар махзане ҷамъ наёвардем. Ёду равони устод гиромӣ бод! Хидматҳои Ӯ барои насли ин миллат, махсусан, ҳайати бисёрҳазорнафари Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ беназир аст.

Устод дар ёди мо ҳамеш боқӣ хоҳад монд.

***Раҳмон Дилшод Сафарбек, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

«Анвори дониш» №5 (341) аз 14.06.2023

*Қаламкориш ӯро умри нав дод,*
*Барояш умр дар ҷовид бикшод. Ҳақназар Ғоиб*



# ВИДОЪ

Бо мурури рафтани умр дар дами пирӣ инсон билохира ҳақиқати талхеро дарк мекунад: дарди кушандаро дармон марг аст. Вале марг низ ба хости Ҷонофарин фаро мерасад. Кай, дар куҷо, чӣ хел? Ин асрорро Худаш медонаду бас.

Бо вуҷуди ин:

***Марги соҳибдил ҷаҳонеро***
***далели кулфат аст,***
***Шамъ агар хомӯш гардад, доғи***
***маҷлис мешавад.***

Ин андешаҳо вақте аз дилам мегузаштанд, ки пайвандону ҷавонони илму адабдӯст тобути Зафар Мирзоён-адиби мумтози донишманд, «Шоҳнома»-шинос, тарғибгари тавонои фарҳанги бостон, меҳанпарасти вораста, мубаллиғи шуҷои арзишҳои истиқлол ва сиёсати наҷиби сулҳу фарҳангпарвари Сарвари давлат, Президенти Тоҷикистонро бо эҳтиром болои дасту шонаҳо аз байни Ховалинг ҷониби масҷид ва мазори Хоҷа Аюби Ансорӣ мебурданд. Хабари марги Зафар Мирзоён ҷонамро сӯхт. Вай дӯсти айёми наврасиву ҷавониям, ҳамсолу ҳамсинф, дӯсти беназири шоири зиндаёд Ҳабибулло Файзулло буд. Беморӣ ва ҷарроҳиҳои зиёдеро аз сар гузаронд. Лекин андӯхтани донишу пажуҳиши пайвастаи армону ҳадафҳои ватанпарастии ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безавол ҳаргиз тарккаш накард. Иншои мақолаҳои арзишманд, суҳбатҳои пурмағз перомуни риояи фарҳанги расму оини ниёгон, эҳтироми асолати забону адабиёти ҳазорсола, ба ҷомеа фаҳмондани шикасту нокомиҳои сангин дар марҳалаҳои гуногун, нашри китобҳои пурмазмун дар ин мавзуъҳои доғ ҳаргиз ӯро тарк накард. Зафар, ба гумонам, ин амалҳояшро қарзи фарзандияш ба миллату Ватан мешумурд.

Марги ҷигарсӯзи дӯсти фозилу пажуҳишгар, зарифу боназокат, ваҳдату ватансаро пайкарамро ларзонд. Дур не, 5-уми моҳи май, ин санаи зодрӯзаш будааст лекин вай инро ба мо нагуфтааст. Хоксору шикастанафс буд. Дар маҳфили донишҷӯёну устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба дидору суҳбаташ мушарраф шудем. Дарди шадид азияташ медодааст, вале ӯ бо ирода ва тамкини устувор инро ошкор накард. Ва ӯ дар ин ҳамоиш бо фурӯтанию суҳбати пурмағз китоби бузурги наваш «Се шикасти ориёиҳо»-ро рӯнамой карда, ба камина низ нусхае бахшид. Шод шудам, зеро ҳамин Зафар, ки бар асари беморӣ борҳо, чанд моҳ пеш низ аз дами теғи табибон гузаштааст, китоби арзишманде ба нашр расонда. Китобе, ки барои огоҳӣ аз таърихи бостон, шебу фарози сарнавишти мардум, худшиносии миллӣ ва посдории расму оини ниёгон ба мо ва наслҳои оянда дар замони истиқлол басо муфид мебошад. Баъди ошноӣ ба ин китоб пас аз се рӯзи бозгашт аз Кӯлоб бо телефон Зафарро ба нашри ин китоб сидқан шодбош гуфтам.

Сипас, боз Кӯлобшаҳр ба ҷашни 80-солагии Ҳақназар Ғоиб - Шоири халқии Тоҷикистон рафтем. Дар ин ҳамоиш Зафари маҳфилоро ширкат надошт. Ба ташвиш афтодаму сабаб пурсидам. Гуфтанд, ки бемор асту аз хона баромада наметавонад. Бо мадади шоир Абдулқодири Раҳим бо Зафар ҳамсуҳбат шудем. Садои хастаи таболудашро базӯр мешунидам.

Ин охирин суҳбати мо шуд.

Зафари донишманду фарҳангшинос муаллифи китобҳои «Ҷашни Наврӯз - омили худогоҳии миллӣ», «Ниёиши некону покон», «Худовандгори сухани порсӣ», «Офаридгори сухан», «Динпаноҳӣ ва меҳанпарастӣ», «Бозёфтҳо аз «Шоҳнома», устод ва профессори ифтихории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буд. Ва акнун дарк мекунам, ки суҳбату рӯнамоии китобаш «Се шикасти ориёиҳо» дар донишгоҳ охирин падруд ё видои зебои Зафар бо донишҷӯёну устодон будааст...

Зафар Мирзоён бо мақола ва асарҳояш дар Тоҷикистони азиз ва хориҷа ёрону ҳамфикрони зиёд дошт. Дӯстони ӯ ошиқи фарҳангу тамаддуни дилангези қадимаи Тоҷикистону аҳди бостони форсизабонон мебошанд. Бешак, пайравони Зафар Мирзоён дар риштаи пажуҳиши фарҳангу осори арзишманди илму адаби бостон пайдо мешаванд. Вале ба гумонам, ки мисли Зафар ошиқ, фидой ва тарғибгари тавонои фарҳанги бостони миллӣ, руҳи меҳанпарастӣ дар «Шоҳнома»-и безавол, фарди то мағзи ҷону устухон босаводу меҳанпараст бо зевари дониш муҷаҳҳаз кам пайдо мешавад. Талху дардовар аст, ки чунин шахсияти нодири фарҳангӣ моро тарк кард. Зафар чун гавҳари ноёб дар шафати оромгоҳи падару модар, дар синаи хоки мазори зодгоҳ маъвои абадӣ ёфт. У ҷисман аз ин дунё ва мо барканд. Лекин осори аз донишу андешаҳои муфид саршораш ҳамеша чароғи раҳнамо хоҳад шуд. Оре, ӯ донишманду орифи камназир буд.



*Абдулҳамид Самад - Нависандаи халқии Тоҷикистон*

***Баъд аз вафот турбати мо дар***
***замин маҷӯ,***
***Дар синаҳои мардуми ориф***
***мазори мост.***

**Нашрияи «Адабиёт ва санъат», аз 16.06.2023, №23 (2202)**

# РӮЗГОРЕ БАРОИ ИБРАТ

Зафар Мирзоён шахси донишманд ва хоксор, фурӯтан буд. Ҳар донишманд, ҳар инсони накукорро эҳтиром мекарду арҷ мегузошт.

Аз таърих ва адабиёти гузаштаи мо ва ҷаҳон огоҳии комил дошт. Ҳаргиз андешаи нафареро, ки бо ӯ баҳс мекард, рад наменамуд. Дар ин маврид андешаи худро иброз медошт, то мубоҳису мусоҳиб дар қиёс ва баррасӣ бартариву моҳияти якеро бипазирад.

Донандаи хуби «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ буд ва моҳияту мавқеи онро барои шинохти миллату тамаддуну расму оинҳо ба дигарон мегуфту менавишт. Маҳфили «Шоҳномахонӣ»-ро дар шаҳри Кӯлоб таъсис дода буд. Ба ин васила дар тарбияи ватандӯстӣ, боло бурдани ҳисси ифтихори миллӣ, шинохти шахсияту истеъдоди муаллифи асари ҷовидонӣ ва эътирофшудаи ҷаҳон саҳми чашмрас мегирифт.

Дониши васеву мукаммал дошт ва ҳам таҷрибаи кору рӯзгор. Саховатмандона онҳоро ба дигарон мебахшид.

Бо бухлу кина ҳаргиз ошно набуд ва саъй ба харҷ медод, то агар як нишонеро аз он дар дӯстону ошноён медид, ба тадриҷ, онгуна ҳам, ки наранҷанду эҳсос нанамоянд, рафъ менамуд.

Борҳо шоҳиду шунавандаи баромадҳои илмиаш дар мавзуъҳои фалак, шинохти чакану навъҳои он ва андешаҳову арзишҳои миллӣ будаам. Суханашро соддаву фаҳмо ва бо далелҳои муътамаду раднашаванда мегуфт. Баъзе аз онҳоро ба дасти чоп медод. Дигарон дар маърӯзаҳои илмӣ, корҳои тадқиқотию таҳқиқотияшон аз онҳо истифода мекарданд.

Вақте шунидаму дарёфтам, ки ба донишҷӯён дарс мегӯяд, бештар шод шудам. Яъне, донишу таҷрибаи ӯ ба доираи васеи ихлосмандон, мутахассисони ояндаи кишвар дастрас мешавад.

Бисёре аз хатмкунандагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар суҳбатҳо ва навиштаҳояшон ёдовар шудаанд, ки ӯ дар ин муассисаи таълимӣ ба онҳо дарс мегуфт. Инчунин, ба китобхонӣ, дидани намоишҳои театрӣ чалбашон мекард. Китобҳои хондашуда, намоишҳои дидаашонро таҳлилу баррасӣ мекарданд ва асрори онҳоро мекушод, максаду моҳияташонро дар тарбияи дурусти инсон мефаҳмонд.

Суҳбаташ хушу гуворо ва ҷолиб буд. Дар ин ҳангом ҳеҷ эҳсоси хастагиро намекардӣ. Пас аз он дармеёфтӣ, ки дар кадом хами роҳ аз ҳафт шаҳр қарор дорӣ ва бояд ба куҷо рӯ биёриву чӣ сон биравӣ.

Аз «Шоҳнома» ва дигар адибони классику муосирамон шеъри бисёр азёд медонист ва онро дар маҳфилу суҳбатҳо мехонд. Задаҳои мантиқиро дар ҷойи худ мегузошт ва ба вазну тарзи хониши онҳо аҳамияти махсус медод. Маънияро дар ин маврид метавонист, ки ба шунавандааш бе мушкилӣ бирасонад.

Чанд соли охир ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва кормандони он дар иртиботи қавӣ буд. Матлабҳои ҷолибу хонданиву зарурӣ менавишту дар он нашр мекард. Хонандагон ба мақолаҳои таърихиву таҳлилии ӯ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуданд.

Дар озмунҳои таъсисдодаи ин нашрия ширкати фаъол дошт. Матолиби навиштааш арзандаи ҷойҳои таъсисдода мешуданд. Чун ғолибияти ӯ дар озмунҳо эълон мегардид, ҳеҷ кас ба он ба назари шубҳа наменигарист.

ва зебо ба табъ расидани он буд.

Бо ин ҳама ҳеҷ намепиндорем, ки моро барои умре тарк гуфтааст. Гумон мекунем, ки имрӯз ва ё фардо дар роҳрави идора пайдо мешавад ва бо ҳамон табассуми зебо, самимияти хос аҳвол мепурсаду мегӯяд



Боиси ифтихори мо – кормандони рӯзномаи «Ҷумҳурият» аст, ки ӯ аз ин идора барои дарёфти Ҷоизаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ пешниҳод шуд ва онро сазовор гардид.

Аҳли эҷоди «Ҷумҳурият» ӯро самимона дӯст медоштанд ва қариб дар ҳамаи чорабиниҳо, нишастҳо даъваташ мекарданд. Ҳузури ин шахсияти нотакрор ба ҳама шодиву фараҳ мебахшид.

Хабари беморӣ ва баъдҳо маргаш ҳамаи моро андуҳгин сохт. Мо – ҳама, охир, ӯро дӯст медоштем ва эҳтиром мегузоштем. Оре, мисли як бародари бузург ва ҳамкори ғамхору меҳрубон, чун баробарамон дар андешаи беҳбудии матолиби нашрия матлаберо барои нашр дар рӯзнома овардааст.



*Абдулқодири Раҳим - шореҳи масъалаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии рӯзномаи «Ҷумҳурият»*

*Ба ҳар баҳор гуле барорад зи бӯстон сар,*
*Гуле бирафт, ки н-ояд ба сад баҳори дигар. Ф. Баҳорӣ*



# МЕҲРИ Ӯ ДАР ДИЛУ ДАР ДИДАИ МОСТ…



Дар даврони истиқлолият дар Тоҷикистон масъалаи эҳёи арзишҳои миллӣ ва рӯ овардан ба асолати миллӣ пеш омад. Истиқлолияти миллии тоҷикон ба даст омада, миллати тоҷик дар чорчӯби давлати миллӣ ба раванди бозшиносии арзишҳои миллии худ оғоз намуд.

Хушбахтона, дар тамоми ин даврон шахсиятҳое буданд, ки асолати миллии худро ҳифз намуда, рисолати фарҳангиву таърихиашонро ҳамчун зиёии миллӣ аз ёд набурдаанд. Ва мисолу намунаи ин шахсият дар чанд даҳсолаи охири таъриху фарҳанги мо устод Зафар Мирзоён мебошад. Ӯ бо дониши баланд ва талошҳои шабонарӯзии худ бори сангини зиёии миллӣ буданро ба дӯш гирифта, бо заҳматҳои бисёр бузургаш барои ҳамагон нишон дод, ки пайванди ин миллат бо гузаштаи худ ва бо фарҳанги асилаш ҳанӯз боқист.

Устод Зафар Мирзоён аз донишмандони муваффақи имрӯзи тоҷик аст, ки бо самимияту дилсӯзии тамом, меҳру муҳаббати саршор ба таҳқиқи илму адаби форсии тоҷикӣ, ҳифзу ҳимояи забони модарӣ, тарбияи кадрҳои миллӣ, садоқати бепоён ба халқу ватан камар баста, бо осори арзишманди илмию публитсистиаш саҳафоти илми адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фарҳангшиносии моро рангину ғанӣ ва сарватманд гардонидааст. Ӯ анъанаҳои наҷиби гузаштагони халқи тоҷикро дар роҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ бо сарбаландӣ идома дода равнақи тоза бахшид ва аз ҷониби аҳли илму фарҳанги тоҷик ба сифати як муҳаққиқу рӯзноманигори фарзона шинохта шуд.

Зафар Мирзоён барандаи ҷоизаҳои Маркази тадқиқоти журналистии ба номи Пайванди Гулмуродзода барои тадқиқоти журналистӣ дар соҳаи илму фарҳанг (соли 2013), ҷоизаи ба номи Ашӯр Сафар (соли 2016), барандаи озмуни рӯзномаи «Ҷумҳурият» (соли 2017), дорандаи дипломи «Беҳтарин корманди ғайриштатии рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва барандаи ҷоизаи адабии ба номи Носири Хусрав (соли 2017), ҳамчунин раиси бахши Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон «Пайванд» дар минтақаи Кӯлоб буд.

Аъзои Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон, профессори фахрии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, солиёни зиёд ба ҳайси мушовири ректори донишгоҳи мазкур оид ба иртибот бо ҷомеа фаъолият мекард. Ҳамзамон дар кафедраи журналистика ба донишҷӯён аз мавзуъҳои «Баёни андеша бо забони тоҷикӣ», «Усули нақднигорӣ дар журналистикаи муосир» дарс мегуфт. Ба ҷуз аз сарпарастӣ ба маҳфили «Шоҳномахонӣ» масъулияти ҷамъияти илмии донишҷӯёнро бар дӯш дошт, ки он барои рӯ овардан ба корҳои илмии донишҷӯён нақши муҳиммеро мебозид.

Фаъолияти пурсамар ва бобаракати устод Зафар Мирзоён, дақиқкорӣ ва дақиқсанҷӣ дар таҳқиқи масъалаҳои гуногуни адабиёти классикии форсу тоҷик, иқтидори зоҳир намудани назари тоза ба ҳодисаҳои адабӣ ва ҷамъиятӣ ва ба миён овардани мулоҳиза ва ақидаҳои ҷамъбастӣ, ин муҳаққиқи пуркорро нафақат дар мамлакати мо, балки берун аз хоки он низ сазовори эҳтироми аҳли илму адаб гардонидааст.

Дар поси ҳурмати устод бо камоли меҳру садоқат ва ифтихор сухан ронданам ҳам қарз асту ҳам фарз. Зеро яке аз шогирдонашон ҳастам.

Бо устод Зафар Мирзоён тавассути суханони неки дар ҳаққашон шунидаам шинос шудам. Номашон тавассути гуфтори доимии муаллимони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар зеҳнам бештар боқӣ мемонд. Вале, мутаассифона, то вохӯрии дар саҳни ҳавлии назди бинои ҳукумати шаҳри Кӯлоб ба амал омада (устод солҳои 2003-2007 дар ҳукумати шаҳр вазифаи роҳбарии дастгоҳи раиси шаҳри Кӯлобро ба ӯҳда доштанд), ӯро аз наздик намешинохтам. Аз ҳамкорон шунида будам, ки устод шахси фозилу донишманди закӣ буда, бо ташаббусашон дар шаҳр барои ҳаводорон ва алоқамандони каломи бадеъ ва адабиёти пурғановати классикии форсу тоҷик, алалхусус «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ маҳфили «Шоҳномахонӣ» ташкил дода шудааст. Дар вохӯрии нахустин устодро шахси ҳалиму ситорагарм дарёфтам. Чун аз синни кӯдакиям нисбат ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ меҳр мепарваридам, дар дақиқаҳои аввали вохӯриамон аз эшон хоҳиш кардам, ки маро ба маҳфилашон шомил намоянд. Пешниҳодамро устод бо хушнудӣ қабул намуда, фавран вақт ва ҷойи баргузории маҳфилро муайян ва сипас гуселам карданд.

Ҳамин тавр, баъди шиносоии сариροҳӣ ва суҳбати лаҳзаина аз пайи корамон равона шудем.

Маҳз ҳамин шиносоӣ боис гардид, ки минбаъд, аз соли 2006 то соли 2023, яъне тӯли 17 сол бо устодам дар робита бошаму дар ин муддат меъёрҳои аслии инсониро дар шинохти ӯ вобаста ба дараҷаи тафаккури доштаам омӯзам.

Маҳфили «Шоҳномахонӣ» ҳар ҳафта ва ё моҳе ду маротиба ҷавонони адабдӯсту навқалам, рӯзноманигору муҳақиқини риштаи адабиётшиносию сиёсатшиносӣ, таърихнигорию фарҳангшиносиро ба ҳам меовард. Устод Зафар Мирзоён бо эҳсоси масъулияти баланд ва донишу маҳорати воло ва хоксорию фурӯтании ба худаш хос ҷавонони зиёди минтақаи Кӯлоб ва берун аз онро ба маҳфил ҷамъ намуда, дар мазуъҳои хеле ҷолиб ва айни замон актуалӣ суҳбат барпо мекард. Ӯ ҳамчун садри маърака ҳама суҳбатҳои дар атрофи ин ё он мавзуи интихобкардаашон дақиқаҳо, соатҳо суҳбат менамуданд ва дар ин муддат на худ ва на сомеонашон хастагиро эҳсос намекарданд. Суҳбатҳои устод то ба он андоза ҷолибу диққатҷалбкунанда буданд, ки ҳеҷ кас аз иштирокчиёни маҳфил, ҳатто пас аз муддати дароз давом ёфтани суҳбату нишастҳо ба хонаҳояшон рафтан намехостанд ва ё гоҳо фаро расидани шабро ҳам эҳсос намекарданд. Ин қадар суҳбаторо буданд муаллим.

Хислати сарсупурдагӣ доштан нисбат ба кор ва бемалол заҳмати беғаразона кашидан дар роҳи тарбияи насли ҷавони эҷодкор ба устод Мирзоён имкон дод, ки дар давоми умр шогирдони зиёдеро тарбия карда ба роҳи пурмашаққати эҷодӣ сафарбар намояд. Ба гуфтан меарзад, ки устод аз муфассирони шоистаи илму адабиёт буда дар муддати фаъолияти чандинсолаи худ тавонистааст дар дили садҳо ҷавонони донишёб чароғи рушноии адабиёти куҳани тоҷиконро фурӯзон кунад.

Сазовори гуфтан аст, ки имрӯзҳо дастпарварони муаллим дар соҳаҳои гуногуни мамлакат адои хизмат намуда дар баланд бардоштани илму маърифати тоҷик, хосатан соҳаи журналистикаи кишвари куҳантаъриху навбунёдамон заҳмату талош доранд. 6 нафар аз аъзои маҳфил дорои унвонҳои баланди илмӣ гардидаанд.

Устод Зафар Мирзоён дар давоми фаъолияти илмию ҷамъиятии худ зиёда аз 600 китобу мақолаҳои илмию публитсистӣ таълиф карда, ҳазорҳо навиштаҷоти аҳли илму адаб ва намояндагони қишри зиёии кишварро аз таҳрири заргарона гузаронидааст. Дар таҳияи даҳҳо барномаҳои адабӣ ва фарҳангии шабакаҳои гуногуни телевизионҳои ватанӣ иштироки фаъол дошта, бо ибрози ақидаю андешаҳои тозаю пешқадамонаи худ барномаҳоро ҷолибтару рангинтар мекард ва бо ин роҳ дар баланд бардоштани ҳисси худшиносию худогоҳии миллии бинандагону шунавандагон саҳм мегузошт. Ҷуз ин аз шабакаҳои радио ва телевизиони Тоҷикистон, шабакаи радиоии бурунмарзӣ, BBC, Озодӣ перомуни мавзуъҳои «Шоҳнома», ойинҳои бостонии тоҷикону эронитаборон ва монанди он беш аз 50 гуфтумонҳо пахш намуда буд. Ҳар моҳе ду-се бор аз баландгӯи садои «Овози тоҷик», ки барномаҳояш бештар барои шунавандагони кишварҳои Эрон ва Афғонистон пахш мешаванд, дар мавриди бозшинохти ҳикматҳои «Авасто», инқилоби заминдорӣ дар бовариҳои зардуштӣ, нақши «Шоҳнома» барои дарёфти роҳҳои хирадмандонаи фарҳангӣ сохтани насли имрӯзу фардо, гуфтумонҳои 30-дақиқаӣ дошт.

Зафар Мирзоён санъатро низ хеле дӯст медошт ва дилбохтаи аҳли ҳунар буд. Бо нияти кумак ба санъати театрӣ бори санъатшиносиро ҳам ба дӯш гирифта, пайваста ба таҳлилу пажӯҳиши масоили мухталифи театру мусиқӣ низ шавқ дошт ва солиёни зиёд бо аҳли санъати кишвар ҳамкорӣ мекард. Борҳо шоҳиди суҳбатҳои телефонии устод бо Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон, ҳунарманди машҳури кишвар Ҳошим Гадо будам. Устод Зафар Мирзоён бо ин ҳунарманди асилу нотакрор муносибатҳои гарму самимӣ доштанд ва якдигарро хеле хуб мефаҳмиданд. Дӯстонаш дар байни мусавирони номии Тоҷикистон низ кам набуд. Аз байни мусаввирони кишвар бештар ҳунари рассомии Сабзаалӣ Шарифзодаро қадр мекард ва ба он баҳои сазовор медод. Ин суратгари моніқаламии тоҷикро мисли худ дилбохтаи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дарёфта дар мақолаи ба ҳунари тасвиргар бахшидааш чунин оварда буд: «Дар намоишномаи бахшида ба 70-солагии суратгари беҳамто, дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон, чандин асари пурэҳсос ва мӯбинонаи ӯро дидам, ки гӯёи ҷаҳонбинии Фирдавсӣ буданд, меҳри бепоён ба Ватан ва марзу буми он… Ҷолиб он буд, ки Сабзаалӣ Шарифзода ба сони Ҳакими бузургвор, барои ба тасвир расониданни намодҳои меҳанпарастони бостон 35 сол ранҷ кашидааст».

Аз ҳунармандони Шарқ бошад шефтаи санъати волою худододи ҳунарманд, сарояндаи машҳури Афғонистон Аҳмад Зоҳир буд. Ба хотирам ҳаст мегуфт, ки рӯзи худро ӯ бо сурудҳои Аҳмад Зоҳир оғоз мекунад. Дар атрофи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии ин ҳунарманд, ки дар байни даризабонони дунё шуҳратёр буд ва ҳаст, устод мақолаҳои зиёд ба табъ расондааст, ки хонандаи имрӯзи тоҷикро бо паҳлуҳои норушану мармузи ҳаёти ин сароядаи хушовози асри гузаштаи Шарқ ошно мекунад.

Аз ибтидои роҳи эҷодӣ то нафаси охирин устод кашфиёту тозабаёнӣ бо сабку шеваи нави суханвариро пешаи худ қарор дода буд. Роҳи душвору сангини эҷодиро пеша кард ва то охир ба он содиқ монд. Офаридаҳо ё маҳсули эҷодии устод бо интихоб ва ҳалли муҳимтарин масъалаву мавзуъҳои замон, вусъату ибрози назари донишмандона, салосату рангинии забон, корбасту бозии дилкаши таъбиру вожаҳо, эҳсосот ва ҳарорати хоси худаш дар соҳаҳои мухталифи илму адаб, аз ҷумла соҳаҳои забоншиносию адабпажӯҳӣ, рӯзноманигорию фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносию таърихнигорӣ ва ғайра падидаи тоза пазируфта шудаанд.

Офаридаҳои устод Зафар Мирзоён, ки дар ин навиштори кӯтоҳ мехоҳам ба таври гузаро аз онҳо ёдрас шавам, дар маҷмӯаҳои «Ҷашни Наврӯз – омили худогоҳии миллӣ» (2013), «Ниёиши некону покон» (2014), «Худовандгори сухани порсӣ» (2015), «Офаридгори сухан», (2018), «Динпаноҳӣ ва меҳанпарастӣ» (2018), «Бозёфтҳо аз «Шоҳнома» (2020), «Се шикасти ориёиҳо» (2022) ва дигар асарҳо ба табъ расидаанд.

Муҳтавои китоби «Ҷашни Наврӯз – омили худогоҳии миллӣ» аз навиштаҳо дар перомуни ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, Шаби Ялдо бо унвонҳои «Наврӯз ҷашни Ҷамшед аст», «Ҷашни Наврӯз аз баҳор фаротар аст», «Фурӯғи ҷашни Сада», «Шаби Ялдо», «Меҳргони бағёдӣ ва тирамоҳ» иборат аст.

Дар ин навиштаҳо, ки оҳангҳои интиқодӣ низ пай бурда мешаванд, муаллифи китоб талош дорад, ки назари хонандагонро ба бархе аз ношинохтаҳо ва нодонистаҳои андешаҳои куҳани тоҷикон ҷалб намояд ва ишораҳои ӯ ба норасоиву нодониҳо сирф бар ҳадафи ҳамёрӣ доштан бо нерӯ, завқи дӯстдорони фарру фарҳанги тоҷикон мебошад.

Муҳтавои асари дигари Зафар Мирзоён «Ниёиши некону покон» дар мавриди шахсиятҳои таърихии тоҷик, ки барои покии забони тоҷикӣ сар ба савдо гузоштаанд, ифтихор аз сарсупурдагони миллат, ки барои озод будану озод зистан ҷон бохтаанд ёдкардҳо дорад. Дар ин гирдоварди мақолаҳо муаллиф андешаи худро дар бораи бархе масъалаҳои мавриди баҳс перомуни забони тоҷикӣ ва ошуфтагиҳои он баён доштааст.

Муаллифи китоб дар мақолаи аввал зери унвони «Ситоиши Президент Эмомалӣ Раҳмон» аз корҳои шоёни Сарвари давлати Тоҷикистон дар перомуни густариши андешаву ғурури миллӣ ёд карда, нақши Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар нигаҳбонии ҳувияти миллии тоҷикон, бозбинии гузаштаи таърихии ин мардум ба таври вижа инъикос кардааст.

Дар китоби «Худовандгори сухани порсӣ» муҳаққиқ Зафар Мирзоён бештар ба сурудаҳои беҳамтои Ҳаким Фирдавсӣ, «Шоҳнома»-и бемарг рӯ овардааст. Муаллиф дар китоб менависад, ки баландии ба арш расидаи сухани мунодии аслу насаби эронитаборон дар шоҳкориҳои саросари ҷаҳон ба чашм намехӯрад ва аз ин ки «Шоҳнома»-шиносномаи мардумони эронитабор аст, омӯхтану донистани росту дурусти он барои ҳар як тоҷик ба сони паёми муқаддаси падарон ба фарзандон мебошад.

Китоби нав ва охирини устод Зафар Мирзоён унвонии «Се шикасти ориёиҳо» идомаи андешаҳои доимии ӯ мебошанд, ки дар китобҳову мақолаҳо ва суҳбату маърӯзаҳои хеш пайваста изҳор мекард. Муаллифи ин китоб умре ба омӯзиши забон ва адабиёти форс-тоҷик машғул шуда, ҳар андешаи наву тозаи худро бидуни такя ба далелҳои мустанад ва дарёфтҳои мантиқӣ ба чоп намедод. Дар китоби нави худ низ дарёфтҳои хешро бо овардани намунаҳову иқтибосҳои бешумор далелнок кардааст. Ҳамин аст, ки дар пораварақҳои 300 саҳифаи китоб, беш аз 280 иқтибос оварда, андешаҳояшро бо ишора ба гуфтаҳои олимону адибони саршиноси ҷаҳон тақвият бахшидааст.

Хулоса, ҳамаи мавзуъҳое, ки устод Зафар Мирзоён даст задаанд, наванд. Андешарониҳояшон низ мӯшикофонаю навназаронаанд! Ва ин ҳама, бешубҳа, самараи заҳматталабӣ ва натиҷаи дилбастагӣ ва ҷоннисории фитрии устод ба илм, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ мебошад.

Таҷрибаҳои назарӣ ва амалии ин донишманди фидокор ба таҳлил ва арзёбии ҷудогона ниёз дорад. Он чи дар хотимаи ин гузориш метавонам гӯям, ин аст, ки ба эътирофи ҳам мо – шогирдон ва ҳам бисёр нафароне, ки бо офаридаҳои устод ошноӣ доштанд ва доранд, устод Мирзоён ба сазовор шудан ба унвони илмии доктори илмҳои филологӣ меарзид, аммо ӯ хеле хоксор буд ва дар замоне, ки барои дар шакли рисолаи илмӣ тайёр кардани навиштаҳояш имконият дошт, ин корро накард. Имрӯз вақте мақолаҳои сершумори ӯро дар саҳифаҳои нашрияҳо аз назар мегузаронем, аз миқдор ва ҳусни онҳо меболем ва умед мекунем, ки қисми зиёди мақолаҳои устод Мирзоён, ки берун аз китобҳояшон монданд, дар қолаби ҷилдҳо ҷамъоварӣ ва нашр шаванд, зеро навиштаҳои ӯ ҷузъи тафаккур ва таърихи адабиёту фарҳанги миллии мо мебошанд.

Мо дар ин навиштори худ кӯшидем ба таври гузаро биниши худро дар бораи шахсияти устод Зафар Мирзоён, хислатҳои неку инсонгарии баланди ин марди фозилу маърифатпарвар, ватандӯсту фидоии роҳи илм, устоди ғамхору ёвари ҷавонони эҷодкор баён созем. Ба гуфтан меарзад, ки таҳлили густурдаи зиндагинома ва фаъолияти эҷодии тайкардаи ин донишманди пуркору жарфбин фурсати дигареро мехоҳад, ки мебояд коршиносони варзида дар перомуни он пажӯҳишҳои алоҳида намоянд.

***Ашурова Нодира – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷик***

## КАМ ОЯДУ ДЕР ОЯД

### ДАР ЁДКАРДИ ЗАФАР МИРЗОЁН

*Замини сина ларзон аст доим,*
*Гирифти шамсии ҷон аст доим.*
*Азизон, кам нагардедо мудомӣ,*
*Ки меҳмон аст ин ҷони гиромӣ.*
*Хазони лолазорон кам набошад,*
*Ғами марги гулистон кам набошад.*
*Баҳоронро хазон таъқиб дорад,*
*На борон, ғусса аз гардун биборад.*
*Надонам, ки хазони умри кӣ боз?*
*Аҷал бо захр ёронрост анбоз.*
*Зафарро ҳам бидод ин заҳракобаш,*
*Абад пӯшонд авроқи китобаш.*

*Ҳақназар Ғоиб-Шоири халқии Тоҷикистон*

### ДАР РЕҲЛАТИ ЗАФАР МИРЗОЁН

*Басо шабро ба нури дил саҳар кард,*
*Басо бар зулмати дунё зафар кард,*
*Кунад то рӯшанаш бо нури имон,*
*Кунун бар зулмати уқбо сафар кард.*

*Низом Қосим-Шоири халқии Тоҷикистон*

### ЭҲДО БА ЗАФАР МИРЗОЁН

*Ту як дунёи нопайдоканорӣ,*
*Ҳазорон шатт дар қалби ту ҷорӣ.*
*Муаллифи сутури илму фарҳанг,*
*Ба пойизии хотирҳо баҳорӣ.*
*Гаҳе асрори Омуро биҷӯйи,*
*Ҳаме ошиқ ба Охшойи нигорӣ*
*«Авасто»- ву суруди «Гот»-ҳояш,*
*Туро бошад оини таборӣ*
*Пур аз ҳарфи равони «Шоҳнома»- ст,*
*Вуҷудат, ҷумла пайванде, ки дорӣ.*
*Чу руҳи Восеъу пиндори сабзаш,*
*Ба албонии руъят руй орӣ*
*Каломи ошно ҷушад ба лабҳот,*
*Раҳи бегонагиро хуш надорӣ.*
*Сукути ту баландиҳои Помир,*
*Ҳамеша дар такӣ, маънӣ биёрӣ.*
*Бисабзад суръати фаҳме аз ин рӯ,*
*Ба ҳар як ташнаҷоне чашмасорӣ.*
*Дари дилҳои беҳинро бикубӣ,*
*Зуҳури шаҳри рӯзи шедворӣ!*

*Хосият Ваҳизода- шоир*

*Аз фавти бафарҳанге*
*Афсурда шавад ҷонҳо,*
*Кам ояду дер ояд*
*Монанди Зафар Мирзо.*

*Гурез Сафар-шоир*

### ЗАФАРИ ФИРДАВСӢ

*Дар дилаш буд асари Фирдавсӣ,*
*Дар сараш пур самари Фирдавсӣ.*
*Бо ҳама ишқу муҳаббат ба сухан,*
*Ҳамдилу ҳамгуҳари Фирдавсӣ.*
*Сари ҳар вожа талотум мекард,*
*Ҳамгапу ҳамназари Фирдавсӣ.*
*Ҷигараш хун зи ғаму доғи Ватан,*
*Ҷигараш буд ҷигари Фирдавсӣ.*
*Қаламаш бо аламаш бо ҳам буд,*
*Дафтараш шуд сипари Фирдавсӣ.*
*Пури Фирдавсӣ агар рафт ҷавон,*
*Гашт ӯ худ писари Фирдавсӣ.*
*Гарчи зебонасаби неке дошт,*
*Хуш бигӯям: ЗАФАРИ ФИРДАВСӢ!*

*Бузургмеҳр Баҳодур-шоир*

# ШАХСИЯТИ ДОНИШМАНД, ВАТАНДӮСТ ВА ФАРҲАНГГУСТАР

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати сартосарӣ омӯзиши рӯзгору фаъолияти гуногунҷабҳаи эҷодиву илмии маорифпарварону равшанфикрон ва публитсистону ховаршиносон бештар гардид, ки ин муносибат аз як сӯй, ба шинохту муаррифии арзишҳои миллӣ ва аз сӯйи дигар, ба шаклгирии раванди гиромидошти онҳо мусоидат менамояд.

Дар ин росто, мехостам суханро дар бораи устоди нексиришт, хайрхоҳу ватандӯст, шодравон Зафари Мирзоён оғоз намоям. Зафари Мирзоён шахсияти бениҳоят бофазилат ва дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буданд. Устоди гаронмояи мо, дар ҳақиқат, донишманд ва пажуҳишгари осори ниёконамон буд. Аз ин рӯ, ташкилу баргузории маҳфил ва ҳамоишҳои илмӣ ба муносибати гиромидошти хотираи ховаршиноси маъруфи тоҷик Зафари Мирзоён ва муаррифии корнома ва таълифоти устоди гиромӣ дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо ва муборизаҳои иттилоотӣ барои насли ҷавони кишвар, аз ҷумла муҳаққиқон, устодон ва журналистон аҳамияти калон дорад.

Устод Зафари Мирзоён аз зумраи он шахсиятҳое буданд, ки дар зиндагӣ миёни ҷомеа мавқеи хосса дошта, аз тақдир ва кору пайкорашон саропо розӣ буданд.

Чу сухан аз фаъолияти омӯзгории устод меравад, лозим ба ёдоварист, ки дарсҳои устод мономол аз хуввияти миллӣ буданд. Эшон ба меҳру самимияти инсониву устодӣ ба донишгоҳ меомаданду ба шогирдон дарси ватандӯстӣ мегузаштанд. Зиндагиашон дар ҳалқаи шогирдон бо алфози ватанпарваронаву худшиносона рангину ибратомӯз буд, ки ба онҳо ва ҳамкасбон нерӯ мебахшид.

Маврид ба ёдоварист, ки устод Зафари Мирзоён дар радифи омӯзгорӣ тарғиби ватандустӣ, хештаншиносӣ ва гиромидошти арзишҳои миллиро дар таълифоташ дар ҷои аввал гузошта, мақолаҳои зиёде дар мавриди ватандӯстиву хештаншиносӣ иншо намудаанд. Дар таълифоти он кас омӯзиши адабиёти классикӣ, паҳлуҳои гуногуни осори адибон, ситоиши ватанпарваронаи мардони майдони марзу буми таърихии эронитаборон бо каломи пуртаъсири тоҷикона васф мешавад. Зеро устод ҳамеша дар суханронӣ ва суҳбат ва таълифоташон аз сиёсати ватанпарваронаи рӯзафзуни Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ғамхориҳояшон нисбати насли наврас ва аҳли илм ёдрас мешуданд. Ин аз он шаҳодат медод, ки устод нексиришт, ватандӯст будаанд ва ҳамеша насли ҷавонро дар руҳияи ватанпарастӣ ва хештаншиносӣ раҳнамун месохтанд.

Дар ҳақиқат, Зафари Мирзоён миёни пажуҳишгарони осори ниёгон ва шоҳномашиносон чун гавҳаре буданд, ки ҳар лаҳза аз нӯги қаламашон ибораҳои сулҳу ваҳдат, якдиливу худшиносӣ, худогоҳиву меҳри беандоза доштан ба сарзамини биҳиштосоямон-Тоҷикистон меҷакид.

Ёд дорам, ки устод зимни яке аз суҳбатҳояшон ба мо шогирдон дар бораи посдории арзишҳои миллӣ, аз ҷумла покӣ ва зебоии забони тоҷикӣ қисса намуда, чунин таъкид карда буд: "Забони зебои тоҷикӣ аз арабизмҳо ва зӯрвожаҳои бо дасти ишғолгарон рӯи забонам гузошта, таровати худро каме аз даст дода нерӯмандиашро ҳамчун забони илм каме коста гардонидааст. Аз ин рӯ, мо бояд дар покиза нигоҳ доштани забони ширинамон пайваста талош кунем". Ҳангоми суҳбат мушоҳида кардам, ки устод бо як шавқу ҳавас нисбат ба гиромидошти забон суҳбат менамуданд ва мо шогирдонро дар роҳи гиромидоши он пайваста ташвиқ менамуданд.

Устод Зафари Мирзоён бо таълифоташон чун равшангари роҳи маърифат, посдори фарҳангу тамаддуни чандинҳазорсолаи тоҷик дар миёни пажуҳишгарон шинохта мешавад. Ин марди наҷиб тавонист худро ҳамчун равшангари роҳи маърифати фарҳанг дар миёни олимону шогирдон муаррифӣ кунад.

Дар воқеъ, ҳангоми мутолиаи асарҳои эшон хонанда дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия меёбад. Зеро ҳамаи таълифоти устод пайваста дар мавзуъҳои гиромидошти фарҳангу тамаддун, ватандӯстиву худшиносӣ ба қалам дода шудаанд.

Зафар Мирзоён фарҳанггустару худогоҳ ва посдори забони ноби тоҷикӣ буд. Пайваста дар таълифоташ кӯшиш менамуд, ибора ва калимаҳои сирф тоҷикиро истифода намояд. Устод пайваста кӯшиш менамуд, ки тавассути интишороташ ба халқу миллат ва насли наврас хидмати шоиста кунад ва манфиатҳои халқу ватанро ҳифзу ҳимоят намояд. Зеро Ватан аз муҳимтарин муқаддасот ва модари мушфиқ барои ҳар як соҳибватан ва худогоҳу хештаншинос ба ҳисоб меравад, ки дар канори худ фарзандони ба нангу номус ва номбардору оқилу доноро тарбият менамояд.

Зафар Мирзоён дар миёни шоҳномашиносону шоҳномапажуҳон дар садри ҷадвали худогоҳию хештаншиносии миллӣ қарор доштанд. Ташаббус ва ибтикороти устод дар мавриди шинохти "Шоҳнома" ва арзишҳои ба "Шоҳнома" додааш ба унвони калиди ганҷи миллӣ сазовори ситоиш аст. Маҳз дар замини "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ устод мактаби шоҳномашиносии минтақавиро таъсис дода, китобу рисолаҳои зиёде ба табъ расониданд, ки ҳамагӣ ба шинохту муаррифии шаҳкитоби аҷдодӣ иртибот доранд.

Устод солҳои тулонӣ маҳфили "Шоҳномахониро" дар шаҳр ташкил намуда, дар доираи маҳфил ҳазорон шогирдон ва алоқамандони мероси ғании гузаштагонамонро аз ҳисоби мо шогирдон ҷамъ намуда, дар руҳияи эҳтиром ба муқаддасоти миллию давлатдорӣ тарбия кардааст. Ба ин маъно, устоди гаронарзиши мо соҳиби мактаби бузурги шоҳномашиносӣ шинохта мешавад.

Устод дар ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти пажуҳишӣ, таълиму тадрис, тарбияи маънавии шогирдон заҳмати беандоза кашидааст.

Зафар Мирзоён дар расонаҳои хабарии Тоҷикистон ва Эрон беш аз 600 мақолаи илмиву публитсистӣ ба интишор расонидааст. Андешаҳои ӯ то ҳол дар 4 китоб бо унвонҳои «Ҷашни Наврӯз-омили худогоҳии миллии тоҷикон» (Душанбе, 2013), «Ниёиши некон ва покон» (Душанбе, 2014), «Худовандагори сухани порсӣ» (Душанбе, 2015) ва «Се шикасти ориёиҳо» (Душанбе, 2022) ба табъ расонидааст.

Дар даврони рушди илму техника ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон Зафар Мирзоён ба масъалаҳои фарҳанг, саргузашти гузарои тоҷикон, шуури миллӣ ва худшиносӣ таваҷҷуҳи бештар намуда, мақолаҳои зиёде навиштааст, ки онҳо барои шинохти бештари таърихи тамаддуни миллати тоҷик мусоидатгаранд.

Эшон дар баробари баррасии интишори мақолаҳои зиёди илмиву публитсистӣ доир ба мавзуъҳои болозикр китобҳои зиёде ба чоп расонидааст, ки ба ҷиҳатҳои таърихии фарҳангу тамаддуни тоҷик эътибори хоса додаанд.

Масалан, дар китоби "Се шикасти ориёиҳо" як қатор масъалаҳои муҳиме матраҳ гардидаанд, ки марбут ба шинохти паҳлуҳои хештаншиносии миллӣ, пос доштани забони тоҷикӣ, ҷасорату паҳлавонии гузаштагонамон мебошанд.

Зафари Мирзоён дар ин китоб бо навиштаҳои пурарзишашон ба ҷалби ҷавонон ба хештаншиносии миллӣ ва талқин намудани пиндору кирдори нек аз пиндору кирдори бад аҳмияти арзишманд додааст. Хонандае, ки ин китобро мутоли мекунад, ба худогоҳиву худшиносӣ расида, дастурҳои Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин замина раҳнамои хеш қарор медиҳад.

Устод Зафари Мирзоён ба шогирдон ҳамеша доир ба мавзуъҳои ватанпарварии адибони тоҷику форс рӯ оварда, аз рӯзгори қаҳрамонони халқи тоҷик қиссаҳои ҷолиби ибратбахш меов617варданд.

Ба шогирдон дар донишгоҳ моҳияти тариқати тасаввуф ва бетафовутии сӯфиёна ва тан додан ба "қазову қадар"-ро фаҳмонида ин андешаҳоро зери интиқод қарор медоданд. Ин хислати меҳанпарваронаи устод Зафари Мирзоён дар тарбияи ҷавонон, бахусус барои мо шогирдон руҳияи бузург мебахшид.

Устод аз ҷумлаи зиёиёне буданд, ки манфиату сарбаландии миллат пеши он кас аз ҳама чиз боло меистод ва дар осори гаронбаҳои хеш ҳам кӯшидаанд миллатро бештар ба худшиносиву худогоҳии миллӣ талқину раҳнамоӣ намоянд.

Устодро ба сифати як фидоии касби худ ва посдорандаи фарҳанги гузаштагон ва пуштибон аз андешаҳои бостонии миллати хеш мешинохтанд.

Хотираи устоди азизу арҷманди мо гиромӣ бод.

*Алишери Абдулмаҷид- н.и.ф., мудири кафедраи журналистика*

# БАЧАҲОИ АШӮР САФАР



*Низом Қосим-раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон*

Бори аввал ӯро сӣ сол қабл дар идораи рӯзномаи овозадори он замон «Комсомоли Тоҷикистон» дида будам.

Рӯзе муҳаррирамон Ато Ҳамдам телефон кард, ки ба наздаш дароям. Вақте ки вориди кабинеташ шудам, бо марде хушсурату қавипайкар рӯ ба рӯ менишаст. Аз афти кор, латифае гуфта ё хушгӯие карда буданд, ки ҳарду самимона механдиданд ва шахси ношинос хандон-хандон дастони муҳаррирро меафшонд.

Мард, нимхез шуда, паҳлавонона дастони маро фушурд ва ҳис кардам, ки ҳамзамон ноаён саропоямро аз назар гузаронд.

- Ин касро шинохтӣ? - пурсид Ато Ҳамдам.

-Н-не... - ноҳинҷор ҷавоб додам ман. Дар ҳақиқат, агар меҳмонро як бори дигар медидам, ду бор мешуд.

-Сад бор зиёфатамро хӯрдагиҳо базӯр мешиносандаму ин аз кӯҷо бишносад?! боз лутф намуд он мард. Ҳар се хандидем ва Ато Ҳамдам дигар пардапӯшӣ накард:

- Устод Ашӯр Сафар!

Табиист, ки ин ном бароям ошно буд ва аз он бештар тавассути нақлҳо хушсуҳбатиҳову ҳозирҷавобиҳояшро медонистам.

- Дар ду ҳолат маро хуб шинохта метавонад: агар хонаам биёяд ё, беҳтар, ки маро хонааш бубарад!

Боз хандаи раъдосо кабинетро пур кард.

-Мудири шуъбае, ки масъули адабиёт ҳам ҳаст, - маро муаррифӣ кард муҳаррир.

-Э-э... Худо бигирад корҳота, Ато! Охир, аз ҳамин сар кардан даркор буд...

Беадабӣ шуд... Ку, бихез, дурусттар салом кунем! Ашӯр Сафар, ҳазломез бисёр чолокона аз ҷо бархоста, оғӯш кушод, бо ман «ҳоҷисалом» кард ва баъд дастонамро сахт-сахт таконд.

-Шеър ҳам менависад, -суханашро давом дод Ато Ҳамдам, лекин, аз хоксорист ё шарм, ки кам ба чоп медиҳад...

-Мо ҳам аввал шарм мекардем, дар сухани навбатии Ашӯр Сафар ҳам оҳанги шӯхӣ аён буд, лекин оҳиста-оҳиста шарма фаромӯш кардем. Ин ҷав, як-ду бор ганарари шеърҳоша бигирад, дигар шарма ба наздикиҳош раҳ намедиҳад.

Чақ-чақи дилкушо тақрибан ним соат идома ёфт.

-Аточон, маҷмӯаи нави шеърҳоям чоп шудааст, нусхаи якумаша барои худат овардам,- гуфт Ашӯр Сафар, аз фарҷоми суҳбат дарак додаву китобчаеро ба муҳаррир дароз карда.

-Муборак шавад, муборак шавад! – табрик кард Ато Ҳамдам ва китобро ба даст гирифта, афзуд: - Лекин... барои чӣ муқовааш ин хел... тунуки хунук?

- Э, Аточон, содаӣ да... Бемуқова чоп кунанду ганарараша диҳанд! –Ашӯр Сафар ёзида, дасти Ато Ҳамдамро, ки аз ханда худдорӣ карда наметавонист, гирифт ва дурудароз такон дод.

-Инҳош барои худат! Ҳамон хел чолоконаву ҳазломез ба ман рӯ оварда пас ва чанд коғазро сӯям дароз кард; аз ифодаи чашму рӯяш маълум буд, ки шӯхии навбатиаш дар пеш аст: Дар як ҷои намоёни газетаат чоп бикуну ганарари нағз бимон, ки Кӯлоб омадӣ, барои зиёфатат бирасад!..

Аз ин суҳбат чанде гузашту бо даъвати бародаронаи Камол Насрулло ба Бюрои тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагон ба кор рафтам ва акнун бо Ашӯр Сафар, ки масъули «ҷамъиятии» он дар вилояти Кӯлоб буд, баҳонаи робитаи мунтазам пайдо шуд.

Ҳар гоҳ ки ягон гурӯҳи адибон ба вилоят сафар кардани мешуду телефонӣ огоҳаш менамудам, ба оҳанги ҳамешагӣ-шӯхонаву ҳазломез мегуфт:

-Ранги худат камхӯрҳо-камхӯрҳоша роҳӣ кун! Боре як гурӯҳ-Убайд Раҷаб, Саидалӣ Маъмур бо мошини Одина Мирак ба вилояти Кӯлоб рафтем. Ашӯр Сафар дар сероҳаи Душанбе-Кӯлоб-Фархор пешвозамон гирифта, раҳбаладиамон кард.

Ба райкоми Фархор омадем. Котиби якуми райком Ҳабибулло Тағоев бисёр хуш пазироиамон намуда, дар омади гап гила кард.

-Бисёр нигоҳ кардем, дер омадед!

Ашӯр Сафар ҳамоно ҷавоб дод:

Парво накунед, раис, дертар бармегардем, баробар мешавад!

Дар кабинети котиби райком менишастем, ки намояндааш омада гуфт:

-Мебахшед, меҳмонҳои азиз, то ҷамъ шудани халқ якпиёлагӣ чой мегирифтед...

Ҷавоби Ашӯр Сафар тайёр буд:

-Бисёр хуб мешавад ба халқ-ку намедонам, мо ба дастархонаш бисёр наздикем!

Барандаи маҷлисҳову соқии маҳфилҳо низ, табиист, ки Ашӯр Сафар буд. Бисёр табииву самимӣ, боз ҳам бо лутфу нозокати хос гардон мекард маҷлисҳоро ва дарҳӯрди ҳар ҳолу ҳар кас шӯхие, масале, нақле пеш меовард.

Масалан, дар вохӯрие, пеш аз он ки ба Саидалӣ Маъмур навбати сухан бидиҳад, нақл кард:

Боре Саидалӣ, ки корманди радиои республика буд, Кӯлоб омад. Мани намояндаи он идора дар вилоят маҷбур будам, ки ҳамроҳиаш бикунам. Гуфтам: «Чанд рӯз меистӣ?» Гуфт: «Чанд рӯзе, ки корам буд шавад». Гуфтам: «Чӣ кор дорӣ?» Гуфт: «Намоиши нави театра сабт мекунам». Гуфтам: «Ҳамин ҳозир сабт карда бидиҳам, гашта меравӣ?!» - ва, ба хандаву садоҳои хушҳолонаи мардум аҳамият надода, гуфт: - Биёед, дӯстони азиз, ҳоло, ки гуселаш накардаем, шеърҳояшро гӯш кунем!

...Дар он муҳити озоду бетакаллуф беихтиёр Пушкини бузургро ба хотир овардам, ки фармудааст: «Шоир азизи шоир аст!» Дар бораи тазодди муҳити «гурӯҳбозӣ», «бахилӣ», «халалрасонӣ»-ҳо бисёр мегӯянд. Лекин ман, ки аз ҷавонӣ умрамро дар ин муҳит гузаронидаам, мегӯям, ки ин ҳама калкал аст. Шоирони хуб азизи ҳамдигаранд, ҳаргиз «гурӯҳбозӣ», «бахилӣ», «халалрасонӣ» накардаанду намекунанд, агар «кори баде» карда бошанд, ҳамин аст, ки ҳаргиз бо ноширон насохтаанду пайваста ба муташирон муқовимат кардаанд (агарчи муқовимат бо онҳо аксаран ба тӯр гирифтани бод аст!)...

Ва, зимни нақли Ашӯр Сафар, аз шоири хуби дигарамон - Нурмуҳаммад Ниёзӣ ёд кардам, ки ҳамон солҳо рисолати ӯро дар вилояти дигарамон- Ленинобод ба дӯш дошт. Ва ҳамин хел – ашӯрсафарвор, бо дили кушоду чеҳраи кушод адибонро истиқболу гусел мекард, маҳфилҳои адабӣ доир менамуд, барои қаробати ҳарчи бештари адибон бо мардум кӯшиши зиёд ба харҷ медод. Ва, ашӯрсафарвор, шӯхиҳояш, ҳозирҷавобиҳояш, лутфҳои ширинаш, хандаҳои паҳлавононааш ҳамеша омода буд.

Боре ба Ленинобод рафтам. Ниёзӣ Нурмуҳаммадона пешвозам гирифта, сӯи мошинаш, ки ҳамеша дар хидмати адибон буд, ҳидоятам намуд. «Билети бозгаштро гирифта, баъд мерафтем, хуб мешуд...» гуфтам ман. «Канӣ, бинам...» - баргашта сӯи кассаҳо равон шуду баъди лаҳзае, табассум бар лаб, баргашт ва фаҳмидам, ки ҳатман шӯхии коғазпече дорад. «Низом, ҳамин ҳозирба билет бу-даст, гирам-мӣ?» -гуфт ва, худро дошта натавониста, инони хандаҳои табиии раъдубарқиашро сар дод...

Баъди суҳбати Саидалӣ Маъмур риштаи суханро боз Ашӯр Сафар ба даст гирифт: Як рӯз устод Убайд телефон карданд, гуфтанд, ки «одамгариро фаромӯш кардай, шоир даргузашт, наомадӣ!» Гуфтам: «Боз кадоматон мурдед?» Гуфт: «Фарҳат». Гуфтам: «Айби ман не, айби роҳи дур... Минбаъд кадоматон, ки мурдед, пешакӣ ба ман хабар диҳед; наомадам, баъд гила кунед!..» - ва, боз ҳам зери хандаҳои мардум, эълон кард: - Сухан ба устод Убайд Раҷаб, ба умеде, ки умри дароз бинанду бачаҳои моро бо шеърҳои зебошон доим хурсанд кунанд!

Маро ин хел муаррифӣ намуд:



## ГУРЕЗ САФАР

-Нафаре, ки ҳозир шиносатон мекунам, пештар кори хубе дошт: дар газетаи дӯстдоштаи ҳамаамон - «Комсомоли Тоҷикистон» мудири шуъбаи адабиёт буд; шеърҳои маро ҳам зуд-зуд чоп мекарду сӯми хуб мефиристод. Бетақдирии моро Худо бигирад, ки ба Иттифоқи нависандаҳо ба кор гузашту вазифааш шаҳр ба шаҳру раён ба раён назди мардум бурдани нависандаҳо шуд. Гандагии кор ҳамин, ки нависандаҳои фиристодааш аз ағбаи Шаршар, ки ин сӯ шуданд, рост хонаи мо меоянд!.. Ба ҳамин шарт навбати шеърхониаш медиҳем, ки ба Кӯлоб фақат нависандаҳои камиштиҳоро биёрад!

Бори дигар шоҳиди ба устодон Баҳорӣ ва Мастон сухан доданҳояш будам.

Одами бебаракатро, гуфт, -илмаш хоб асту ҳақиқаташ хаёл,- ва пас, ба фантастиканависии устод Баҳорӣ ишора карда, афзуд: - Лекин одамони бобаракатро гумонашон ҳам илм асту хаёлашон ҳам амалӣ мешавад!

Риштаи суҳбатро ба устод Мастон бо муқаддимаи зерин супурд:

- Як шаб аз Душанбе телефон шуд. Гуфтам: «Кӣ?» Гуфт: «Рӯдакӣ!» Гуфтам: «Ҳамин хел аст, ки овозат аз гӯр меояд!» Ҳозир сухана ба ҳамон телефонкардагӣ медиҳам ва худатон мебинед, ки чӣ хел овози баланду зебо дорад! Он вақт айби телефон буду айби гӯри Рӯдакӣ, ки дар ҳазору сад сол ҳеҷ обод нашуд...

Баъди хандаи беғубору осмонкаф ва шеърхонии зебои устод Мастон боз суханашро давом дод:

-Мастон ҳамдиёри устод Рӯдакист, ки гуфтааст:

***Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор бахра бигир,***
***Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд...***

Мо, шоирҳои сода, тапи пири бузургамон нашканад гуфта, то мурдан сабақ мегирем! На фақат аз таҷрибаи рӯзгор, балки аз ҳама чизу ҳама кас, ҳама ҳолату ҳама вазъият...

Боре Ҳабибулло Файзулло як гурӯҳро овард. Сари раҳ ба хонаи устод Ализода даромадем, ки ҳамроҳ бубаремаш. Аз паси дарвоза садо кардам, ки «Устод, бароед, меҳмонҳо бо савғои зиёд омадаанд!» Овозаш омад, ки «Савғо медоштанд, хонаи худат мебурдишон!»

Садои хандаҳои самимӣ толорро пур кард. Ашӯр Сафар, интизори фурӯ нишастани шавқу шӯри мардум, ба нуктае менигарист ва, аз афти кор, даврони мозӣ, ҷавонӣ, устодаш Ализода, лутфу хушгӯиҳои ӯро ба ёд меовард...

-Устод дар ҳозирҷавобӣ ҳамто надоштанд. Боре дар як маърака сухан аз ховалингиҳо рафт. Касе гуфт, ки «Икромӣ аз Ховалинг, Аслӣ Бурҳон аз Ховалинг, Ализода аз Ховалинг, Ғаффор Мирзо аз Ховалинг, Ғоиб Сафарзода аз Ховалинг, Ҳабибулло Файзулло аз Ховалинг, фалону бисмадон аз Ховалинг...» ва чанд номи навпайдои ҳанӯз номашҳурро ҳам ба забон гирифт. Ализода бепарво гуфт: «Эъ, ин майда-чайдаҳоша бигирӣ, зани Ашӯр Сафар ҳам аз Ховалинг!»

Боз хандаи фалаксайр атрофро пур кард, вале худи зарофатгӯ бисёр ороми ботамкин буд ва ҳатто чунин менамуд, ки ноаён каме маҳзун шуд...

Дунёро бубинед, ки Ҳабибулло, Ҳабибуллое, ки саросема меомаду саросема мерафт, саросема аз дунё гузашт... Баъди чанд вақти он фоҷиа назди бобои Миралӣ рафтаму гуфтам: «Раис, қадри шоирҳоро бидонед, ки якта-якта тунук шуда истодаанд...» Бепарво гуфт: «Боз мебароянд!» Гуфтам: «Он чизе, ки ҳар сол мебарояд, пахта аст!..»

Байни хандаҳои осмонкаф ва чеҳраҳои хушҳоли мардум мушоҳида кардан мумкин буд, ки дар чашмони шоир ҳузни ноаёне хона мекунад...

-Нозбардори Ҳабибулло будем ҳамаамон. Ҳабибулло ҳам, бо вуҷуди ҷавонӣ ва тундутезиаш, қадри ҳамдилҳоро нағз медонист...

Боре ҳамроҳ дар буфети Иттифоқи нависандаҳо машғули чақ-чақ будем, ки устод Қаноат омаданд. Ҳабибуллои лоқайду сархуш ба овози баланд гуфт: «Э Қаноат, биё, садқаи бизанем!» Хушдораш доданӣ шудем, ки «шоир ҳам бошад, рафиқи худамон ҳам бошад, раис аст, ранҷиданаш мумкин», гуфт: «Ӯ дар боло (мақсад - кабинети раис дар ошёнаи дуюм) раис аст, дар ин ҷо ман раисам!» Устод Қаноат, албатта, ин раду бадалҳоро шунид ва бо ҳамон виқор, вале хоксорона ба базми «сағерагии» мо шарик шуд...

Натанҳо қадаҳгардонӣ базмҳои фарҳангӣ, балки садри бисёр хурсандиҳои мардум ҳам буд Ашӯр Сафар. Боре як гурӯҳ адибонро ҳам ба хурсандие бурд ва дар оғози базм чунин ҳикоят кард:

-Ҳар тӯй аз хостгорӣ сар мешавад...

Барои ҳамин занамро гирифтан худам хостгорӣ рафтам. Касеву чизе надорам, лекин ҷавонӣ ва тану ҷони сиҳату дили пурорзу дорам! Очааш гуфт: «Се халта орд биёр!» Гуфтам: «Як мошин меорам, нон ҳамеша даркор аст!» Гуфт: «Чил метр либосвори хуб биёр!» Гуфтам: «Метр карда мешинӣ? - Чил тӯб меорам!» Гуфт: «Панҷоҳ кило рӯған биёр!» Гуфтам: «Бочкаи сесадкилоӣ ях кардааст, ҷар карда меорам, худатон обаш кунед!» Тағош аз ҷо ҷаста хесту гуфт: «Мард будай, бача, ҳеҷ чиз даркор нест, бигир ҳамин ҷияни маро, бубар!»



## ФАЙЗИ АШӮР

Он шаб натанҳо арӯсу домод, балки даҳҳо писарону духтарони зираки дигар панд гирифтанд, ки ҳарис набошанд, пайи чизу ҷораи дупула бахташонро пешипо назананд, сабр кунанду бо ҳам бисозанд, соҳиби ҳама чиз мешаванд...

Вобаста ба ин нукта як нақли дигар, ки солҳо баъд шунидам, ба ёд меояд. Гурез, ки дар хушсуҳбатӣ писари арзандаи падар аст, гуфт: «Боре отаам гонорар гирифтанду сумкаи пулро байни хона рехта, гуфтанд: «Бигиред, ҳар қадар ки даркоратон аст, бигиред, ризқи худатон аст!» Баъд, нигоҳи пурҳаваси зани маро ҳис карданд, ки бо ишора ба мани навкалам афзуданд: «Ина ҳамина ҳам хуб нигоҳубин кунӣ, фардо ҳамин хел пулбиёракат мешавад!»

Оё барои суханфаҳм ҳамин як амали гӯё, ҳамин як ишораи нозук аз сад насиҳати урёни қолабӣ беҳтар нест?

Ошкор намекард, вале бисёр нақлҳояш соф ба хотири ҳазлу шӯхӣ набуданд, оҳанги ҳузн доштанд ва бо дарду алами дилфишор ба забон меомаданд. Бо як танз, як масал, як ишора гӯё бисёр норасоиҳои одаму оламро мегуфт, пуртаъсиру дилрас мегуфт.

Ҳангоми даргириҳо ба ҷонибе напайваст, касеро гунаҳкор накард, балки ба умқ нигарист, фаҳмид, ки «ҷанги шуда қаҳрамон надорад» ва содадилонаву оқилона мавқеи натанҳо худ, балки ҳазорон ҳамватанони хешро баён кард:

*Ман аз рӯзи азал то охирин дам ҷангбезорам,*
*Бигӯ з-ин ҷангбезории ман дар анҷуман беҳтар!*

Бо фаросати азалӣ дарёфт, ки ин ҳама баҳонае беш нест, ҳадаф дигар аст, барои ҳамин ҳам бо алам фиғон кашид:

*Лаънат ба туи хешкушу бар падари ту,*
*Лаънат ба мани хешкушу бар падари ман!*

Бовар кунед, ки касе чунин мунсифона муҷримони ҷанги шаҳрвандиро ошкор накардааст!

Ё худ, тазодди он замони безамон, фоҷиаи адлу инсофу қонунро бисёр заминӣ, лекин бо дарки осмонӣ тасвир кардааст:

*Хонасӯзон сарпаноҳи бошукӯҳе ёфтанд,*
*Хонасозон кӯ ба кӯ беошён афтодаанд...*

Дар чунон муҳит бо ҳасрат аз замоне ёд меовард, ки баҳор дошту парастуҳои қатор, сухан пурбор буду суханвар баэътибор ва дилаш ба ёди ҳамқаламони рӯҳпайванду дилпайванд, сафарҳои бемонанд бо ҳамсафарҳои дилписанд ба гӯшаҳои гуногуни диёри саодатманд, назди мардуми пурмуҳаббати ташнаи ҳикмат гум мезаду гирён месуруд:

*Аз парастуҳо тахи долони ман орӣ шуда,*
*Ку баҳоре, ки парасту дар ҳаво пар мекушуд?*
*Ҳамқаламҳоям, куҷоед, аз мани раҳдуратон*
*Ёд бинмоед боре, дер бошад ё ки зуд...*

Ягон ақли солим гирудору нотинҷӣ намехоҳад, вале беш аз ҳама аз ҷангу ҷанҷол мардуми бачадор метарсад. Аз ин рӯ, ҳароси аёлманде чун Ашӯр Сафар ҳоҷати шарҳу баён надорад. Дар замони тинҷу осуда ва серу пури советӣ низ ҳамеша аз як чиз ҳарос дошт аз қисмати фарзандон ва ин мисраи дилрасаш акси садои ҳамон ҳароси азаливу абадии инсонист:

**Бачадорӣ мекушад охир маро...**

Оре, бачадорӣ кушт ӯро, ташвишу хавотирӣ аз тақдири онҳо кушт ӯро, ҳароси фурӯ рехтани хонаи умеду ормонҳояш кушт ӯро. Лекин...

Хушбахтона, он хона барпо монд, фарзандону пайвандон сарҷамъ омаданд, беҳтарин нияту умедҳо умри дубора ёфтанд.

Дарвокеъ, бо вуҷуди ҳама афтодарӯҳӣ, дар ҳамон ашъори ашкбори Ашӯр Сафар ҳам оҳанги пирӯзии адолат ва тантанаи зиндагӣ равшан ба гӯш мерасад ва ин оҳанг дар рафъи нофаҳмиҳо, барқарории низоми ҳаёт, боз ба ҳам расидани мардум хидмати арзанда кардааст.

*Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?*
*Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад?*
*Дар кашмакаши рӯзи фурӯзону шаби тор,*
*Помоли фано зулмати шаб мешуда бошад?*
*...Кӣ кард ҷафо бешу кӣ овард бало пеш?*
*Бо ченаки таърих ваҷаб мешуда бошад?*
*Дар ҷои ҳамин мамлакати сулҳҷудоям*
*Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад?..*

Ҳама савол аст. Саволҳои пураламу гиряолуд. Вале зимнан ҷавобанд ҳама. Ҷавобҳои тасаллодеҳу эътимодбахшо, дилбардору зиндагисоз. Хонанда, на ба худ, беихтиёр, вале дилпурона мехонад, ки боз «ханда ба лаб мешавад! дар кишвар базму тараб мешавад! помоли фано зулмати шаб мешавад! кирдори ҷафопарвару балоовар бо ченаки таърих ваҷаб мешавад! ба ҷои ин мамлакати сулҳҷудо як мамлакати сулҳталаб мешавад!!!»

Оре, бори дигар ва, аз Худои худ умед дорем, ки абадӣ дар диёрамон ханда ба лабҳо шуд: «мамлакати сулҳҷудо»-и он рӯз ба кишваре табдил ёфт натанҳо сулҳталаб, балки сулҳпарвару сулҳовар, ки дунё ҳаваси сабақи сулҳаш мекунад; тинҷӣ, осудагӣ, ободӣ ҳадафи пиру барно гардид.

Ва дар байни ин издиҳоми умедӣру бунёдкор сари баччаҳои Ашӯр Сафар ҳам баланд аст: Гурез ҷавонмардест бисёр огоҳ, бофаросат, хушзавқ, суҳбаторо, хуллас, асли падар; Файз шоиру драманависи пурмаҳсуле, ки аз файзи хомааш бисёр саҳнаҳо ободд шудаанд; Бахтиёр - журналисти мутахассис, ки назираш зиёд нест; Ориф духтуре, ки дар Санкт-Петербурги аз ҳар гуна мутахассис бениёз роҳу равиши кору рӯзгорашро ёфтааст...



## БАХТИЁР САФАР

Боз навиштаҳои бешумор, ки гаштаву баргашта ба чоп расидаанд; нақлҳои рамзомезу ҳикоятҳои пурҳикмате, ки даҳан ба даҳан ба чор кунҷи диёр рафтаву халқӣ шудаанд. Ин ҳама низ бачаҳои шоиранд, баччаҳое, ки умри маънавии шоир идома медиҳанд.

Ҳар вақте аз ин ҳама меандешӣ, симои Ашӯр Сафар пеши назарат меояд, хушгӯиҳояш дар гӯшат садо медиҳад, чеҳраи хандони мухлисонро мебинӣ ва мешунавӣ, ки шоир бо дили пур, хешро таҳрир карда, мехонад:

Бачадорӣ зинда медорад маро...

*Нашрияи «Адабиёт ва санъат», аз 26.04.2018, №17 (1936)*

# АЗ ЭҶОДИЁТИ УСТОД АШӮР САФАР

### СУРУДИ ТОҶИКИСТОН

*Як лаъли кӯҳсорам, дар кӯҳ устуворам,*
*Хуршед нур гирад аз рӯйи бегуборам.*
*Бо чашмаҳо ба ҷӯшам, бо рӯдҳо хурӯшам,*
*Як сӯй барфпӯшам, як сӯй навбаҳорам.*
*Сулҳу сафост азмам, бо дӯстист базмам,*
*Аз бахри ин ба размам дар рафти рӯзгорам.*
*Пояндаву рашидам, сар то само кашидам,*
*Оби бақо чашидам, озоду бобарорам.*
*Бигзаштаҳо ба хотир, ҳар лаҳзаанд ҳозир,*
*Тоҷам ба сар шуд охир, ман соҳибихтиёрам.*

### ҒАЗАЛҲО

*Байрақафрозони роҳи сулҳи дунёем мо,*
*Аз баландии хирад ин роҳ паймоем мо.*
*Пойи шабдези ҷаҳонпаймо нагардад суда ҳеҷ,*
*Ҳар қадар ки рӯзу шабҳо дар равуем мо.*
*Нагзарад нон аз гулӯйи мо гаҳе, медонӣ ин:-*
*Дар ғами бечораҳои бесару поем мо.*
*Ғам махӯр, эй модари фарзандҳои хурдакак,*
*Бас кафили қисмати имрӯзу фардоем мо.*
*Оташе гар сар занад бар қасди мо дар гӯшае,*
*Бар сараш тугёни садҳо баҳру дарёем мо.*
*«Он ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад,»*
*Дар паноҳи сулҳ фирӯзу тавоноем мо.*
*Ҳастии мо қалъае бошад, ки он нашкастанист,*
*Хокиему чун замин подору барҷоем мо.*

х х х

*Машкан қалами маро, ки пайванди ман аст,*
*Пайванд чу набзи ман ба ҳар банди ман аст.*
*Бо шеваи зиндагӣ забон бигшода,*
*Фарёди дилу ба лаб шакарханди ман аст.*
*Чун панҷа бувад ба дасти ман часпида,*
*Меросгузори заҳмату панди ман аст.*
*Кам кишт кунад ба дашти дафтар, ё беш,*
*Худ барзгари хоки барӯманди ман аст.*
*Машкан қалами маро, ки беҳтар зи ҳама*
*Дар зиндагиям ба ҷойи фарзанди ман аст.*

х х х

*Шомро равшан кунад як хандаи армони ман,*
*Офтоб аввал дамад андар таҳи долони ман.*
*Мурғи бахтам ончунон фарёду шаҳпар мезанад,*
*Оҷиз ояд дар сифоташ хомаи ҳайрони ман.*
*Дар қафас дидам, ки марде булбуле мепарварад,*
*Дил даруни сина бошад булбули хушхони ман.*
*Кас намедонад маро, ҳоли маро, кори маро,*
*Ман худам донам чӣ сон аст ин сару сомони ман.*
*Метавон бастан ба банде пои гаштораи маро,*
*Ҳеҷ кас аммо набандад дасти пурэҳсони ман.*
*Хони ман пурнозу неъмат мешавад ҳар рӯз, бин,*
*Шукри хона, шукри зан, сад шукри фарзандони ман.*
*Оби борон тоза бинмояд рухи гул дар чаман,*
*Аз барори дӯстон кам мешавад аҳзони ман.*
*Шиша ҳар хел аст, охир бишканад аз зарби санг,*
*Тир аммо нашканад ойинаи паймони ман.*
*Шеъри аввал гуфтаам дар лавҳи дил айёми ҷанг*
*Сабт шуд аз гиряҳои модари гирёни ман.*
*Қисмат акнун нест аз ман мисли оҳу дар гурез,*
*Зайли чокар бошад он як умр дар фармони ман.*

Анвори дониш
№4 (349), ҶУМЪА, 03.05.2024

# «ҲАФТАИ ИЛМ» ДАР ДОНИШГОҲ

Дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани Рӯзи илми тоҷик аз санаи 08.04.2024 то 13.04.2024 «Ҳафтаи илм» эълон шуда, конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён ба муносибати Рӯзи илми тоҷик ва ҳамчунин ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 “Солҳои рушди саноат”, “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” (солҳои 2020-2040) ва соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” баргузор гардид.

Дар кори конференсияи ифтитоҳии “Ҳафтаи илм” ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони ректор, деканҳои факултетҳо, раёсат, ҳайати профессорон, омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ ва намояндагони ВАО ширкат варзиданд.



Ҳайати устодон ва меҳмонон, дар аввал, аз намоиши дастовардҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати олимон, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар соли 2023 дар даромадгоҳи бинои асосии донишгоҳ дидан намуданд.

Сипас, кори конфронс дар толори фарҳангӣ бо садо додани Суруди миллӣ оғоз гардид. Дар идома ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ ва натиҷагирӣ аз корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати олимон, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар соли 2023 ва нақшаҳо барои соли 2024 зикр намуданд, ки “Хушбахтона, соҳибистиқлолии кишвар заминаи рушд ва пешрафти босуботи тамоми соҳҳоти кишварро фароҳам оварда, дар ин марҳила дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи илм ҷойгоҳи хосса касб намуд ва дар мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи Роҳбарияти олии кишвар қарор гирифт. Таваҷҷуҳи рӯзафзуни Ҳукумати мамлакат ба соҳаи илму маориф, дастуру супоришҳо ва роҳнамоиҳои хирадмандонаву маърифатпарваронаи Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи навбатии рушди давлатдории миллӣ, бо назардошти истиқболи шоиста аз 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди оянди дурахшон барои наслҳои оянда, дар назди мо аҳли илму маориф вазифаҳои мушаххас гузоштаанд.



Дар ин роҳи шоистагиву маърифатафзоӣ моро зарур аст, ки фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро бо масъулияту садоқати бештар ва синасӯзона ба роҳ монда, вазифаи асосии хеш - омодасозии мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат ва таъминкунандагони рушди устувори кишварро сарбаландона иҷро намоем”.

Бояд тазаккур дод, ки таҷлили Рӯзи илми тоҷик баёнгари он аст, ки фазои маърифативу маънавии кишвари мо дар садаи нави таърихӣ рӯ ҷониби падидаҳои илмиву фарҳангӣ дорад ва устувор гардидани мавқеи илм дар соҳаҳои иқтисод ва иҷтимоиёти кишвар гувоҳи натиҷаҳои илмии олимони тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Ҳамчунин дар идома таъкид доштанд, ки имрӯзҳо дар 37 кафедраи амалкунандаи донишгоҳ аз рӯи 18 равия, 25 проблема ва 28 мавзуъ омӯзгорон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буда, ҳамасола ба табъу нашр, таҳияи рисолаву монография ва китобҳои таълимию методӣ машғул мебошанд.

Айни замон, дар ҳамаи кафедраҳои донишгоҳ 521 нафар омӯзгорони доимӣ, аз ҷумла: 9 нафар доктори илм-профессор, 2 нафар зан; 80 нафар номзади илм, дотсент, 23 нафар зан; 1 нафат дотсент, беунвон; 41 нафар номзади илм, муаллими калон, 19 нафар зан; 143 муаллими калон, 51 нафар зан; 227 нафар ассистент, аз ҷумла зан 94 нафар ҷиҳати пешбурди фаъолияти таълимию методӣ саъю талош менамоянд.

Дар соли 2023 35 нафар унвонҷӯёни Донишгоҳ рисолаҳои номзадии хешро дифоъ намудаанд. Ин дастовардро саравввал ба худи устодон ва сипас, ба кулли коллективи олимону омӯзгорони донишгоҳ табрик мегӯям.



Мавриди зикр аст, ки дар семоҳи аввали соли 2024 аз ҳайати устодону омӯзгорони донишгоҳ як нафар (Сафарзода М.В.) рисолаи докторӣ ва 3 нафар рисолаи номзадии худро дифоъ намуда, инчунин санаи ҳимояи 12 нафар унвонҷӯи дигар низ маълум гардидааст.

Ин нукта низ фараҳбахш аст, ки айни замон 48 нафар унвонҷӯён ва хатмкардагони зинаи докторантураи PhD рисолаҳои илмии худро таҳия намуда, дар арафаи пешниҳод ба Шуроҳои дифоъ қарор доранд.

Сипас, тибқи барномаи конференсия Ашурова Нодира Ҷумаевна - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷик ва журналистика дар мавзуи “Зан ва сиёсат: нақши занони «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар сарнавишти кишвар ва подшоҳӣ”, Фатхуллозода Абдухолиқ Фатхулло - декани факултети молиявию иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент дар мавзуи “Нақши саноатикунонии босуръати кишвар дар рушди саноати миллӣ”, Исозода Парвиз Асадулло - декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар мавзуи “Принсипи эҳтироми умумии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд”, Мадасани Азизмад - магистранти курси 2-юми ихтисоси географияи факултети иқтисод ва идора дар мавзуи “Раванди обшавии пиряххо аз таъсири тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он” бо маърӯзаҳои худ баромад намуданд.



Ҳамин тавр кори “Ҳафтаи илм” аз 08-уми апрели соли 2024 то 13-уми апрели соли 2024 бо баргузории ҳамоишу маҳфилҳои илмӣ дар 10 факултет ва 37 бахш идома ёфт, ки дар он маҷмуан беш аз 1000 мақолаи олимону профессорон, устодону омӯзгорон, магистранту докторантони PhD ва донишҷӯёни донишгоҳ мавриди баррасиву хулосабарориҳо қарор дода шуд, ки фишурдаи онҳо дар маҷмӯаи маводи конфронс рӯйи чоп хоҳанд омад.

Рӯзи 15.04.2024 раванди баргузории чорабиниҳои «Ҳафтаи илм» натиҷагирӣ карда шуда, дар зимн ба як гурӯҳ олимону профессорон ва устодону омӯзгорон барои дастовардҳои назарраси илмӣ-таҳқиқотӣ, иштирок ва маърӯзаи беҳтарин ва ҳамчунин ба ҷумлае аз донишҷӯён ҷиҳати иштироки фаъолона Сипосномаи ректори донишгоҳ супорида шуд.



# ВАТАНДӮСТӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Тахти унвони мазкур 20.04.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 50-умин солгарди фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоиб-Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардид.

Дар кори конференсия аҳли илму адаб, соҳибони каломи мавзун: Муҳаммад Ғоиб- Шоири халқии Тоҷикистон, Ато Мирхоҷа - муовини Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Ҳақназар Ғоиб - Шоири халқии Тоҷикистон, Сафар Амирхон; муҳаққиқ: Мисҳобиддин Нарзикул - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Обидзода Фозил-раиси Фраксияи Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон, ҳайати васеи устодону донишҷӯён ва мухлисони каломи бадеъ иштирок намуданд.





Ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ ҳайати меҳмонон ва иштирокчиёнро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфта, иброз дошт, ки «ҳамоиши илмиву фарҳангӣ, дар ҳошияи дастуру супоришоти хирадмандонаву маърифатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои маҳбубу маърифатафзои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи тарбияи маънавии шаҳрвандон ва ҷомеаи кишвар баргузор мегардад. Дар ин роҳи маърифатафзой ва хештаншиносии ҷомеа нақши адибону суханпардозон муассир аст.

Дар воқеъ, адабиёти форсу тоҷик дар арсаи адабиёти ҷаҳон нигине басо пурарзиш ва бебаҳост, ки дурри маънии он дурахши ахтарони осмонҳои илму адаби тоҷику форсро ба маротиб афзудаву зиннатбахши ҷомеаи мутамаддин гардидааст. Хурсандиовар аст, ки хазинаи пурганҷи ин адабиёти гаронарзиш рӯз то рӯз боз ҳам ғанӣ гардида истодааст.

Дар нишасту доираҳои адабии минтақаи Кӯлоб шоирони ҷавону лаёқатманд ба воя мерасиданд, ки соҳибдевону соҳибкитоб буда, боиси ғановати хазинаи адабиёти муосири тоҷик гардидаанд. Дар радифи номи шоирони бузурги тоҷик, ки шогирдони доираҳои адабии гуногуни кишвар маҳсуб меёбанд, метавон номи шоирони соҳибқаламони доираи адабии Кӯлоб- мисли Саидалӣ Вализода, Мирзолатиф Раҳимзода, Сомеи Одиназода, Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Раҷабалии Роғӣ, Ҳақназар Ғоиб, Сафар Айюбзодаи Маҳзун ва дигаронро қайд кард, ки дар сабку услуб, интихоби мавзуъ ва мундариҷаи осор ниҳоят олӣ ва соҳибкаломанд. Дар ин миён Муҳаммад Ғоиб ҷойгоҳи махсусро касб карда, бо осори пурмуҳтавояш диққати аҳли илму адаби форсизабонони дунёро ба худ ҷалб намудааст.

Дарвокеъ, Муҳаммад Ғоиб-Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи устод Рӯдакӣ, аз ҷумлаи шоирони номдори ватансаро ва ватандӯсти Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ки дар рушду ташаккули назму насри муосири тоҷик саҳми ниҳоят бузурге қиёснашаванда дорад. Ӯ аз ҷумлаи адибонест, ки нақшаш дар рушди маънавиёти ҷомеа ва тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ низ ниҳоят барҷаста аст. Тавонмандиҳои эҷодӣ ва офаридаҳои мондагор меҳри ӯро дар дили мардумони адабдӯсту фарҳангпарвар то рафт кавию мондагортар гардонидааст.

Доманаи мавзуоти эҷодиёти шоир ниҳоят васеъ ва фарогири тамоми масоил буда, дар ин баробар, ифтихор аз ватану муҳаббат ба хоку оби ин диёр ва тасвири манзараҳои дилкаши ин сарзамини биҳиштосо мавзуи асосии ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоибро ташкил медиҳад.

Адиб дар ҳар шеъру тарона тобишҳои нав ба нави ин мавзуъро бо ибораҳои нозук, шеваи ширин ва ҳунари баланди шоирӣ ба қалам дода, дар оинаи ҳар нигоҳи нек биҳиштрангии Ватан ва мардуми вафодору ҷонфидояшро мебинад ва роҳи ҷовидонаи мулки меросиро аз ҳар қадами эшон меҷӯяд.

Сипас, шоирон Ато Мирхоҷа, Ҳақназар Ғоиб, Сафар Амирхон, муҳаққиқон Мисҳобиддин Нарзикул- профессор, Ёралӣ Содиқов- дотсент доир ба паҳлуҳои ҳаёту фаъолияти эҷодӣ ва таҳлили мавзуъҳои ашъори шоир суханронӣ ва маърӯзаи илмӣ намуданд.

Дар идома устод Муҳаммад Ғоиб-Шоири халқии Тоҷикистон ҷиҳати ташкилу баргузор намудани чунин як ҳамоиши илмиву фарҳангии сатҳи баланд ба роҳбарияти донишгоҳ ва созмондиҳандагони он миннатдории самимӣ баён намуда, зимни суханронӣ аз овони ҷавонӣ ва замони донишандӯзиву таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ёдовар шуд. Ҳамчунин аз ашъори худ порчаҳои шеърро бо аҳли нишаст қироат намуда, ҳамагонро барои дӯст доштани марзу бум ва садоқат ба халқу миллат даъват намуд.



Инчунин, дар кори конференсия раиси Фраксияи Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагон - Обидзода Фозил иштирок карда, Сипосномаи Фраксияи ҲХДТ-ро ба устод Муҳаммад Ғоиб тақдим намуд.

Баъд аз ҷамъбасти қисмати ифтитоҳӣ кори конференсия тибқи Барнома дар нимаи дуюми рӯз дар ду бахш: "Рӯзгор ва осори Муҳаммад Ғоиб" ва "Мавзуи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар даврони истиқлол", бо шунида шудани 22 маърӯзаи илмии олимону муҳаққиқон идома ёфт.

Қобили қайд аст, ки маърӯзаҳои пешниҳодшуда дар шакли маҷмӯа-маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 50-умин солгарди фаъолияти эҷодии Муҳаммад Ғоиб-Шоир халқии Тоҷикистон рӯйи чоп омада, дастраси меҳмонону маърӯзачиён гардонида шуд.

# ДӮСТДОРОНИ ИЛМУ ФАРҲАНГ

Санаи 26.04.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вохӯрии ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафербек бо иштирокчиён, ғолибони олимпиада ва озмунҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.




Ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор зимни сухани ифтитоҳии вохӯрӣ аз таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои маҳбуби миллат нисбат ба дастгирии ҷавонон ва масоили марбут ба он ёдовар шуда, иброз доштанд, ки дар марҳилаи нави давлатдориву давлатсозории тоҷикон эҳёи анъанаҳои миллӣ, расму оин ва тарғиби фарҳангу маданияти миллӣ дар саросари Тоҷикистони соҳибистиқлол бо роҳнамоиву дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вусъати тоза ёфта, дар роҳи тарбияи худшиносиву ватандӯстии ҳар як фарди Тоҷикистони маҳбуб заминаи боэътимод гардидааст.

Дар ин радиф дар замони соҳибистиқлолии миллӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Сарвари хирадоину маърифатпарвар, ватандӯсту хештаншинос дар қатори самтҳои гуногун ба соҳаи илму маориф ва фарҳангу маънавиёт таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, ба дастовардҳои зиёди фарҳангӣ мушарраф гардидааст. Яке аз дастовардҳои фарҳангии даврони соҳибистиқлолии кишвар, ин ташкили озмунҳои бонуфузи гуногуни илмиву фарҳангӣ ба шумор меравад.

Аз зумраи чунин дастовардҳои сатҳи олӣ ташкили озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Тоҷикистон - Ватани азизи ман", "Илм - фурӯғи маърифат" ва ""Тоҷикон"-оинаи таърихи миллат" мебошанд.

Озмунҳои мазкур заминаи устуворро дар роҳи тарбияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва маърифатандӯзиву донишпажуҳиши тамоми қишрҳои ҷомеа гузошта, рӯз то рӯз боиси зиёд гардидани теъдоди нафарони китобхон дар кишвар гардидааст.

Ректори донишгоҳ иштироки муваффақона ва ғолибияти донишҷӯёнро дар олимпиадаву озмунҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ҷиҳати муаррифии шоистаи донишгоҳ дастоварди назаррас арзёбӣ намуда, барои фаъолияти минбаъда ба онҳо муваффақият таманно намуд.





Устод зимни баромади худ, таъкид доштанд, ки насли наврасу ҷавон дар партави сиёсати хирадбунёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои маҳбубу илҳомбахши миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо татбиқи бомароми ҳадафҳои созанда ва фаъолияти бунёдкоронаву дастаҷамъона, бо азбар намудани донишҳову малакаҳои наву замонавӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар озмунҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, ормонҳои таърихии миллатро амалӣ, неъмати истиқлолу озодӣ ва ваҳдату ҳамдилиро ҳифз, рушди устувори мамлакатро таъмин намуда ба наслҳои ин сарзамини фарзонаи давлати аз ҳар ҷиҳат пешрафта-Ватани ободу пурсафоро ба мерос хоҳем гузошт.

Ҳамчунин дар вохӯрӣ доир ба масъалаҳои мубрами самти омодасозии донишҷӯён барои иштирок дар озмуну олимпиадаҳо ва бартарафсозии камбудиву норасоиҳо ҷойдошта ибрози андеша шуд. Донишҷӯён низ дар навбати худ ҷиҳати беҳтарнамоии корҳо дар ин самт таклифу пешниҳодоти худро ироа намуданд.

Дар охир ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ва роҳбарони илмии онҳо аз ҷониби Раёсати донишгоҳ қадрдонӣ гардида, бо Сипосномa ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида шуданд.

*Гоҳе ба савдо мебрад ганҷи Ватанро зумрае,*
*Бо нархи ҷонам меҳарам ҳар санги пардози Ватан. Шаҳрия*



# ХИЗМАТ БА ВАТАН-ҚАРЗИ ФАРЗАНДӢ

Шукр аз даврони озод, шукр аз соҳибистиқлолии кишвар ва шукр аз миллати тамаддунофар, ки тавассути хиради азалӣ чунин Ватани орому осударо насиби мо тоҷикон ва сокинони дигар миллату халқияти сарзамини озоду рӯ ба рушд оварда-Тоҷикистони азиз, гардонидааст.

Кам нестанд давлатҳое, ки асрҳо боз орзуи ободию осудагии сарзамини хешанд, вале орзуи деринаи онҳо ҷомаи амал намепӯшад ва ҳеҷ не, ки болои сари эшон ливои озодию осудагӣ ҷилвагар гардад.

Тоҷикистони азиз тавассути ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшишҳои бемайлони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ, ҳарчанд ки ба осонӣ ба даст наомада буд, ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро пушти сар намуд ва рӯ ба ободию созандагӣ овард. Боис ба хушнудист, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар шукуфоию пешравӣ ва ободкорию созандагист. Ба касе пӯшида нест, ки имрӯзҳо натанҳо симои ноҳияҳову шаҳрҳо, балки симои деҳоту маҳалҳо низ ба куллӣ тағйир ёфта истодааст ва ин ҳама аз ҷидду ҷаҳди Сарвари кишвар ва якдилию якдигарфаҳмии миллати бузургамон вобастагӣ дорад. Расидан ба қадри Ватан, дӯст доштану дар ҳифзи он ҳамеша омода будани ҳар як шаҳрванди кишвар, алалхусус, ҷавонон вазифаи муқаддас маҳсуб меёбад, зеро ҳаёти хушу хуррами мо ба осудагию оромӣ ва шукуфоию рушди Тоҷикистони азизамон тавъам аст.

Имрӯз фурсате расидааст, ки миллати бофарҳанг, давлати соҳибистиқлол ва мамлакати соҳибтамаддуну пешрафта будани Тоҷикистонро ба аҳли олам нишон диҳем, ба қадри Ватану ватандорӣ, ба қадри истиқлолияту давлатдории миллӣ ва муҳимтарин рамзҳои он- Нишону Парчами давлатӣ, Суруди миллӣ, артиши миллӣ, пули миллӣ ва шиносномаи миллӣ бирасем ва аз он ифтихор намоем,- таъкид менамояд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш «Тоҷикон дар оинаи таърих».

Чунин мамлакати ободу зебо ва орому осуда, ки фазои онро сулҳу дӯстӣ ва созандагию бунёдкорӣ фарогир аст, кулли мардуми сайёра хоҳонанд ва орзу доранд, ки кош мамлакати онҳо низ чун Тоҷикистони азизи мо дар шукуфоию созандагӣ ва рӯ ба тараққӣ бошад…

Ба ҳар як шаҳрванди соҳибхиради ватани маҳбубамон, алалхусус, ба ҷавонони баору номус зарур аст, ки пайи ободии чунин мамлакати файзбор бошанд.

Имрӯзҳо даъват ба сафи Артиши Мил-



лии Тоҷикистон идома дорад. Ҳар як ҷавони синаш ба хизмати ҳарбӣ расидаро зарур аст, ки ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвари азизамон шомил гардида, тавассути хизмати софдилона қарзи фарзандии худро дар назди Ватан-Модар адо намояд. Адои хизмати ҳарбӣ сари баланду рӯи сурхи ҳар як ҷавони соҳибхирад аст. Ҳар он кас, ки хирад дораду номуси ватандорӣ ва худро фарзанди Тоҷикистони азиз медонад, бояд қарзи фазандии худро иҷро намояд. Ҷавонон на танҳо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон хизмат намоянд, балки онҳо ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳанд ва нагузоранд, ки ақидаҳои номатлуб ва ғаразноки ташкилоту равияҳои гуногуни ғайридавлатӣ ва ифротгароёна байни мо роҳ ёбанду бо афкори фиребандаи худ ҷомеаи моро халалдор намоянд.

Падаре аз фарзанди хеш пурсид:

-Писарам, ҳаёти хушу хуррамро дар чӣ мебинӣ?

-Дар ҳаёти осудаву фазои соф, дар серию пурӣ ва рушду нумуи Ватани азизамон-Тоҷикистони соҳибистиқлол.

-Дуруст, писарам, вале он чизи асосие, ки ман интизор будам, нагуфтӣ.

-Чӣ будааст он чизи асосӣ? - суол кард писар.

-Хизмат ба Ватан ва ҳимояи марзу буми он, зеро ҳеҷ гуна музаффарияту муваффақият ва пешравиҳо бе осудаҳолию тинҷии кишвар ба кас муяссар намегардад, -ҷавоб дод падар.

Хизмат дар сафи Артиши миллӣ хизмат ба Ватан, хизмат ба миллати хеш аст. Он ҷавоне, ки аз хизмати Ватан саркашӣ менамояд, ӯро ватандӯсту ватанпарвар ва фарзанди модари тоҷику миллат шумурдан ҷоиз аст магар? Ба гумонамон: не! Ҷавоне фарзанди баномуси Ватан хонда мешавад, ки ӯ сарзамини аҷдодии худро аз ҳар гуна ақидаҳои ғаразноки бадхоҳон ва тангназароне, ки сарсабзию музаффариятҳои Тоҷикистони азизи моро дида наметавонанд, мардона ҳифз менамояд. Ҷавони солимақлу аз худ бохабар, худогоҳу худшинос ба ҳеҷ ваҷҳ фирефтаи ақидаҳои бардурӯғу фитнаангез ва иғвогаронаи дасисабозон намегардад ва бо голибияти ақли солиму побарҷо афкори ноҷавонмардонаи онҳоро ботил гардонида, пайи аз бар кардани илму фарҳанги замони муосир ва ободонии кишвар, ҳимояи дастовардҳою марзу буми ватани ҳақиқатан ҳам озоду рӯ ба рушд овардаи хеш мешавад.

Имрӯзҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо рӯ овардан ба таърих ва арзишҳои миллӣ аз як тараф ба хотири нигаҳдошти анъанаву суннатҳои неки ниёгон ва ҳифзи истиқлоли сиёсию фарҳангӣ аҳамияти басо муҳим пайдо карда бошад, аз тарафи дигар, дар ҳамин радиф хизмат ба Ватан, ҳимояи марзу буми он, пойдору бардавом нигоҳ доштани осудаҳолии кишвар ва созандагию бунёдкориҳо меистад. Ҳар як падару модар вазифадоранд, ки фарзандони худро дар рӯҳияи дӯст доштан ва расидан ба қадру манзалати Ватан тарбия намоянд ва аз фарзандони баору номуси хеш ифтихор намоянд.

«Фарзандонро бояд тавре ба воя расонем, ки боиси ифтихор бошанд»,-гуфта буданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и шаҳри Ваҳдат.

Дар амалӣ гардидани ин мақсуд, пеш аз ҳама, падару модарон ва дигар бузургсолони оила басо нақши муҳим мебозанд. Маҳз оилаи солим ва ҳаматарафа руштёфтаву масъулиятшинос аст, ки фарзанди онҳо фарзанди содиқи кишвар, муҳофизи марзу бум ва музаффарияту муваффақияти Тоҷикистони азизи мо мегардад. Ҳар як падару модар вазифадор аст, ки фарзанди худро дар баробари дар рӯҳияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия намудан, инчунин, дар рӯҳияи меҳру муҳаббат доштан ба Ватан, ҳимояи марзу буми он, дӯст доштани кишвари азизамон тарбия намояд. Ва, ин аст қарзи падарию модарӣ.

Хизмати Ватан барои ҳар як ҷавони солимақл қарз аст, қарзи ватандорию фарзандӣ, қарзи нангу номуси ҷавонмардӣ.

Биёед, ҷавонони баору баномуси Ватан баҳри хизмат ба кишвари азизи худ камар бандему қарзи фарзандии худро бо рӯи сурху сари баланд адо намоем.

*Абдуҷаббори Сафаралӣ-
муовини декан оид ба таълими
рӯзонаи факултети омӯзгорӣ ва
фарҳанг*

# ИНКИШОФИ ЯХБАНДИ ВА РЕҶАЮ ТАҲАВВУЛИ ПИРЯХҲОИ ҶУДОГОНАИ КӮҲИСТОНИ ЗАРАФШОН ВА ҚАТОРКӮҲҲОИ ТУРКИСТОН

**(идома аз шумораи №3, 05.04.2024)**

Сарфи назар аз он ки иқлими кӯҳистони Зарафшон континенталии камбориш аст, дар маҳалҳои ҷудогонаи баландкӯҳҳо вабаста ба хусусиятҳои орографӣ бориш нисбатан зиёдтар буда, аз 600 - 800 то ба 1000 - 1300мм мерасад. Паст будани ҳарорат дар баландкӯҳҳо ба пайдоиш ташаккули пиряхҳо мусоидат менамояд. Аз рӯи ҳолати имрӯзаи ҷойгиршавиашон пиряхҳои кӯҳистони Зарафшонро ба якчанд марказҳои яхистон ҷудо кардан мумкин аст:

А. саргаҳи ҳавзаи дарёи Масчоҳ (Зарафшон);

Б. кӯҳистони Фон ва ё Ғанзаю Чимтоға;

В. саргаҳи дарёи Ягноб;

Г. саргаҳи дарёҳои Киштуду Моғиён;

Омӯзиши пиряхҳои ҳавзаи дарёи Зарафшон қариб 147 солро фаро мегирад, сарфи назар аз давомнокии таҳқиқи яхшиносӣ доир ба шумора, майдон ва ҳаҷми пиряхҳои кӯҳистони Зарафшон дар байни олимон ва муҳаққиқон хулосаҳои гуногун ба назар мерасад. Масалан, М.А.Носиров (соли 1972) муайян намудааст, ки дар ҷануби қаторкӯҳи Туркистон 271,1км2, дар шимоли қаторкӯҳи Зарафшон 132,3км2, дар ҷануби он 5,2км2 ва дар шимоли қаторкӯҳи Ҳисор 148,4км2 пирях ҷойгир шудааст, ки масоҳати якчояи онҳо ба 558км2 баробар буда, шумораашон ба 424 ва ҳаҷмашон ба 55км3 мерасад. Мувофиқи маълумотҳои муҳаққиқон З. Мусоев ва Н.Дилмуродов, ки бештар ба расмгирии кайҳонӣ такя намудаанд, дар ҷануби қаторкӯҳи Туркистон 317,9км2, дар шимоли қаторкӯҳи Зарафшон 205,5км2 ва дар ҷанубии қаторкӯҳи Зарафшон 12,2 км2 ва дар шимоли қаторкӯҳи Ҳисор 106,5км2 пирях ҷойгир шудааст, ки масоҳати якчояашон ба 642,1км2 мерасад. Шумораи умумии пиряхҳои ҳавзаи Зарафшон 892-то буда, дар онҳо 36,9км3 ях захира шудааст.

Муҳаққиқ А.С.Шетников (соли 1981) шумора ва масоҳати пиряхҳои кӯҳистони Зарафшонро вобаста ба ҳавзаи дарёҳо чунин нишон додааст:

а) Дар ҳавзаи дарёи Масчоҳ 587 пирях мавҷуд аст, ки 179,21км2 масоҳат доранд;

б) Дар ҳавзаи Фон-Ягноб 460 пирях мебошад, ки дар масоҳати 133,29км2 ҷойгир шудаанд;

в) Дар ҳавзаи Шохоби чапи Зарафшон (Киштуд ва Моғиён) 174 пирях 43,26км2 масоҳатро фаро гирифтаанд, ки дар якчоягӣ 1227 пирях 655,76км2 масоҳат доранд.

Ҳар як маркази яхистон, ки мо онҳоро номбар намудем, хусусиятҳои хоси худро доранд. Дар ҷанубу шарқии қаторкӯҳи Туркистон хубтар ташаккул ёфтани пиряхҳо ба хусусиятҳои гипсометрии маҳал (4500-5000) метр баландӣ доранд ва бо хусусиятҳои орографӣ мавҷуд будани дараҳои нисбатан калон ва бо кӯҳҳои баланд иҳота шудани онҳо вобаста мебошад. Дар чунин ҷоҳт пагоҳӣ ва бегоҳӣ кӯҳҳои баланд пеши роҳи нурҳои офтобро мегиранд, аз ин хотир об шудани пиряхҳо зиёд давом намекунад. Сабаби дигар ин аст, ки дар чунин баландкӯҳҳо бориши бештар дар шакли сахт (барф) меборад. Чунин ҳолатро дар кӯҳсори Фон, Ягноб, Киштуд ва Моғиён дидан мумкин аст.

Умуман, пиряхҳо дар ҳавзаи дарёи Зарафшон дар баландиҳои 3400 - 4400 метр бештар ҷойгир шудаанд, ки фосилаи 1км баландиро дар бар мегиранд, ин баландӣ ба минтақаи нисбатан сербориш мутобиқат мекунад. Дар минтақаҳои поёнӣ бештар гарм шудани ҳарорати ҳаво, об шудани барфу пиряхҳоро метезонад, бинобар ин, захира шудани барфҳои бисёрсола ба амал намеояд. Барои фаҳмидани қонуниятҳои ҷойгиршавии пиряхҳо захирашавии онҳо, инчунин, донистани роҳи фирнавӣ хело муҳим мебошад. Роҳи фирнавӣ дар ҷанубии қаторкӯҳи Туркистон дар баландии 4175 метр, дар шимолии қаторкӯҳи Зарафшон дар баландии 4000 метр, дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Зарафшон ба 4100 метр ва дар шимолии қаторкӯҳи Ҳисор дар баландии 3800-4300 метр мехобанд. Роҳи фирнавӣ дар ҳавзаи Зарафшон нисбат ба ноҳияҳои кӯҳии Қавкозу Олтой ва Алп хеле баланд ҷойгир шудаанд.

Пиряхи Иммат - дар саргаҳи шохоби дарёи Паструд дар баландии 2935-4800 метр ҷой гирифтааст. Дарозии пирях 3,2км ва майдонаш 3,8км2, ҳаҷмаш бошад 0,75км мебошад, манбаи ғизогирии пирях барф, тарма ва фирнаҳои аз баландӣ кандашуда мебошанд. Дар сатҳи пирях тақрибан 800мм бориш мешавад ва солона аз пирях 451,930м3 об хориҷ мешавад, ки он нисбат ба боришоти сатҳи пирях хеле зиёд аст. Агар миқдори боришот зиёдтар аз 30% мешуд, онгоҳ ҳолати ғизогирӣ ва обшавӣ баробар мешуд, аз инҷо маълум мегардад, ки пиряхи Иммат дар ҳолати нестшавӣ қарор дорад.

Пиряхи ГГП (Гидрографическая партия) - дар нишебии шимолии қаторкӯҳи Ҳисор дар ҳавзаи руди Замбар, шохоби тарафи рости дарёи Қаратоғ, ҳавзаи Искандаркӯл воқеъ гардидааст, дарозии пирях 1,2км, паҳнии миёнааш 0,5км ва майдони паҳншавиаш 0,54км2 мебошад. Забонаи пирях нисбат ба роҳи фирнавӣ 3675 метр паст воқеъ гардидааст, пирях дар ҳолати таназзул қарор дорад дар солҳои 1968-1971 18метр, яъне соле бо суръати 2,2 метр қафонишинӣ кардааст, 300-метр2 масоҳаташро бой дода, ба андозаи 3,6-4,0 метр паст фаромадааст. Ин пирях аз соли 1968 то соли 1986, дар давоми 20 сол 11млн метр3 36,1% ҳаҷмашро гум кардааст. Аз соли 1989 то соли 1990 пирях 32 метр таназзул ёфт ва сатҳи болоияш аз ҳисоби обшавӣ 4 метр паст фаромад ва 1млн метр3 ҳаҷмашро кам кард.

Пиряхи Барзангӣ - дар ҳавзаи дарёи Ягноб воқеъ буда, ҳолати ноҳуб дорад, дар солҳои 1958-1963 ба андозаи 57м ба пеш ҳаракат кардааст, аммо соли 1963-1966 ба харобӣ дучор шуда, 80метр қафо рафтааст, ҳамин тавр маълум мешавад, ки аксарияти пиряхҳои ҳавзаи дарёи Фон дар ҳолати коҳишу нестшавӣ қарор доранд.

Пиряхи Туро - ин пиряхи водигӣ буда, 3,0 км дарозӣ ва 2,2км2 масоҳат дорад, забонааш дар баландии 3920м зери морено пинҳон гаштааст. Забонаи пирях аз соли 1976 то соли 1990 дар ҳолати таназзул қарор дошт, солҳои 1990-1991 суръати обшавиаш афзуда, 23 метр қафо рафтааст ва сатҳи болоияш тадриҷан паст шуда истодааст.

Пиряхи Дихандонг - дар шимолу шарқии қаторкӯҳи Зарафшон воқеъ буда, 2,2км дарозӣ 2,0км2 масоҳат дорад забонаи пирях аз баҳр дар баландии 3600 метр мехобад. Байни солҳои (1958-1977 ) ба масофаи 69м пеш рафтааст, вале байни солҳои 1977-1991 ба андозаи 180 метр таназзул ёфт. Обшавии пирях дар охири асри XX авҷ гирифта, соле 13 метр қафонишинӣ кардааст.

Пиряхи Парах - шохаи чапи пиряхи Зарафшон буда, дар соли 1880 ба он пайваст мешавад ва соли 1906 боз аз он ҷудо мешавад, ин ҷудоӣ соли 1962 ба 760 метр мерасад. Ин пирях низ дар ҳолати нестшавӣ қарор дорад.

Пиряхи Зарафшон - калонтарин пирях дар ҳавзаи дарёи Зарафшон мебошад. Омӯзиши пирях аз соли 1870 оғоз ёфта, то ҳол давом дорад. Ин пирях 27,8км дарозӣ ва бо шохаҳояш 132,6км2 масоҳат дорад, забонаи пирях аз сатҳи баҳр дар баландии 2810 метр воқеъ аст.

Исбот гардидааст, ки пиряхҳои кӯҳистони Зарафшон нисбат ба кӯҳистони Помир бо суръат тез таназзул меёбанд ва ин раванд ба як қатор омилҳо вабаста мебошад. Яъне қисми зиёди пиряхҳои ҳавзаи дарёи Зарафшон аз роҳи фирнавӣ паст ҷойгиранд, бинобар ин обшавии пиряхҳо нисбат ба ғизогириашон зиёд мебошад. Аз тарафи дигар ин ба гармшавии умумисайёравии иқлим вобаста мебошад.

Пас моро месазад, ки бо чунин диёри зебоманзар ифтихор намоем, шукри ҳар пора замину ҳар қатраи обаш кунем ва ин ҳама дороиҳо, ки сарчашмаи ҳаёти мост, тозаю озода нигаҳбон бошем. Мо бояд дар баланд бардоштани маърифати экологии аҳолии ҷумҳуриамон ҳамеша кӯшишу талош намоем.

*Фарҳуддинов Исуф - дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва
методикаи таълими онҳо*

# ОМӮЗГОРИ АСИЛ

Талбаков Қурбон Чилаевич 10-ноябри соли 1956 дар деҳаи Кафтари ноҳияи Москваи вилояти Кӯлоб (ҳозира ноҳияи Ш. Шоҳини вилояти Хатлон) дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1964 дар мактаб-интернати ноҳияи Восеъ ва баъди синфи панҷум соли 1968 то соли 1974 дар мактаб-интернати «Коммунизм»-и деҳаи Сари чашмаи ноҳияи собиқ Москва (ҳозира ноҳияи Ш. Шоҳин) таҳсилро давом дода, баъди хатми он соли 1974 ба факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дохил шуда, соли 1979 онро бомуваффақият аз рӯи ихтисоси «филолог-шарқшинос ва ихтисоси иловагии дуюм забони англисӣ» хатм намуд. Аз моҳи августи соли 1979 то моҳи марти соли 1981 ба ҳайси муаллими забони англисии мактаби рақами 14-и ноҳияи Кӯлоб кору фаъолият дошт. Аз моҳи апрели соли 1981 то декабри ҳамин сол дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи собиқ Иттифоқи Советӣ ба ҳайси тарҷумон дар давлати исломии Афғонистон адои вазифа кардааст. Аз моҳи августи соли 1982 то нафаси вопасин фидоии соҳаи маорифи Ҷумҳурии азизамон буда, дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият кардааст. Аз соли 1990 то декабри соли 1993 аспиранти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷураев (ҳозира ба номи С. Айнӣ) буд. Соли 1993 рисолаи илмиро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дар мавзуи «Тарбияи сифатҳои маънавии донишҷӯён дар дарсҳои забони хориҷӣ (англисӣ)» дифоъ намуд. Мавсуф дар вазифаҳои омӯзгор, муаллими калон, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ адои вазифа кардааст.

Муаллифи се монография ва зиёда аз 14 мақолаҳои илмӣ ва коркардҳои методӣ буданд. Соли 1996 то августи соли 1997 ба курси баландбардории ихтисос аз забони англисӣ ва технологияҳои муосир дар Британияи Кабир (Англия) гузаштааст. Аз 6 июни соли 1997 ба ҳайси директории маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои нав фаъолият кардааст. Соли 2002 факултети забонҳои хориҷӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб кушода шуд ва бо фармони собиқ Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҷабов, Талбаков Қурбон аввалин декани факултет таъин карда шуд. Ӯ дар ин вазифа фаъолият намуда, аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофоти «Аълочии маорифи Тоҷикистон»-ро сазовор гардид. Замони дар вазифаи декани факултет фаъолият карданаш коллективи ҳамфикронро ҷамъ оварда тавонист. Бо муаллимони беҳтарини факултет Собирова, Сайдамирова Олга Сайдамировна, Муродов Баҳриддин ва дигарҳо якҷоя кор карда, дар тарбияи кадрҳои баландихтисоси забондони англисӣ саҳми бузурге гузоштааст.

Барои хизматҳои шоён дар давлати исломии Афғонистон бо мукофотҳои давлатӣ: «70-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи СССР», Ифтихорномаи Президиуми Совети Олии СССР аз 28-декабри соли 1988 барои мардонагӣ ва шуҷоатмандии ҳарбӣ зоҳир кардан ҳангоми иҷро намудани қарзи башардӯстона мукофотонида шуд.

Хотираҳои муаллиф доир ба давраҳои фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва ҷамъиятии Курбонҷон Талбаков хеле зиёд аст. Аз ҷумла, дар ҷорабиниҳои донишгоҳӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки баъди ҷанги шаҳрвандӣ гузаронда мешуданд, доимо дар сафи пеши коллектив буданд. Ин мавзуъ доманадор аст ва имкони ҷой додани он дар як матлаб аз бовар берун аст. Мо бо даст додани имкон оид ба лаҳзаҳои муҳимтарини он солҳо дар матлаби дигар истода мегузарем.

Руҳашон шоду манзили охираташон ободбод!

*Сатор ҒАФОРОВ-дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ*

# ОМИЛҲОИ АСОСИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТИЮ ТЕРРОРИСТИДОШТА

Ҷаҳони муосирро дар баробари пешрафтҳои илмиву техникӣ ва иқтисодиву иҷтимоияш бе таҳдиди зуҳуроти хатарнок тасаввур намудан номумкин мебошад. Гарчанде ки сол ба сол сатҳи саводу маърифатнокии инсоният боло рафта, пешравиҳои илмиву техникӣ ҳаётро рангин намудаву сатҳи зиндагии мардум беҳтар шуда истодааст, ҳоло ҳам дар ҷомеа афроде вуҷуд доранд, ки мафкураи тангу фаҳмиши нодуруст доранд.

Ин гуна шахсон табиатан бадхоҳу бадкирдор буда, ба ҷамъият хайрхоҳ нестанд. Ба ҳаёт, зиндагӣ, оила, ҷомеа, миллат ва давлат ҳамеша нигоҳи манфӣ доранд. Ботини нопоки эшон боиси он мегардад, ки даст ба амалҳои бадномкунандаву нанговар зада, инсонҳои бегуноҳро аз ҳаёт маҳрум, кӯдакону пиронсолонро ятиму танҳо намоянд, ба ҷомеа ва давлат зарари калон расонида, фазои ҷамъиятиро ноором созанд.

Маҳз ҳамин гуна шахсон падидаҳои терроризм ва экстремизмро ба вуҷуд оварда, ҳаёти рангини садҳо нафар аҳолии осоиштаро ба вартаи нобудӣ мекашанд.

Бояд тазаккур дод, ки терроризму экстремизм хеле васеъ паҳн гардида, ба тамоми ҷаҳон хатар эҷод намуда истодаанд. Имрӯзҳо терроризм ва экстремизм ҳамчун сарчашмаи низоъҳои иҷтимоӣ, бахусус низоъҳои байни миллатҳо, эътиқодмандони динҳо ва аҳолии кишварҳои гуногун гардидааст. Аз ин рӯ, муқовимат ба терроризму экстремизм ва таквияти низоми мубориза бо онҳо муҳим ва саривақтӣ мебошад.




Хусусияти падидаҳои терроризму экстремизм пеш аз ҳама дар он аст, ки ҳар як шахс қурбонии онҳо шуда метавонад. Ягон нафар аз ҳолати дар ҷой ва вақти номувофиқ (ҳодисаи ҷинояти террористӣ ва экстремистӣ) будан эмин буда наметавонад. Шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидоштаро содир менамоянд, одатан ғайриинтизор ҳамла мекунанд ва кирдорҳои онҳо берун аз тафаккуру тасаввур мебошад.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 таъкид намуданд, “Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани рақобати азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир-терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем”.

Аз мазмуни моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” аз 28 декабри соли 2021, №1808 бармеояд, муқовимат ба терроризм фаъолияти маҷмуии мақомоти давлатӣ ҷиҳати ошкорсозӣ ва минбаъд бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии амали террористӣ мусоидаткунанда, ошкорсозӣ, огоҳонӣ, пешгирӣ, қатъ намудан, кушодан ва тафтиш кардани амали террористӣ, то ҳадди камтарин расонидан ва бартараф намудани оқибатҳои амали террористӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм” аз 2 январи соли 2020, №1655 низ мафҳуми муқовимат ба экстремизм ба ҳамин монанд шарҳ дода шудааст.

Аз моҳияти меъёрҳои қонунгузорӣ бармеояд, ки муайян намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии амалҳои террористию экстремистӣ мусоидаткунанда нақши муҳим дошта, ошкор ва бартараф намудани онҳо боиси пешгирӣ намудани кирдорҳои ҷиноятӣ мегардад.

Дар раванди муқовимат ба терроризму экстремизм аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст. Аз ҷумла, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қабул гардид, ки айни ҳол мавриди амал қарор дорад.

Мақсад аз қабули ҳуҷҷати мазкур такмили чораҳои пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани омилҳои мусоидаткунандаи терроризм ва экстремизм, ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳолӣ ба пешгирии ин зуҳуроти номатлуб, васеъ намудани донишҳои сиёсӣ ва ҷаҳонбинӣ мебошад.

Ҳоло дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ як ҳадафи умумӣ-роҳ надодан ба паҳншавии минбаъдаи хатарҳои терроризму экстремизм истодааст. Бинобар ин, муайян намудани омилҳо ё сабабу шароитҳо ба содиршавии ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта мусоидаткунанда ва бартараф намудани онҳо вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Дар стратегияи болозикр якчанд омилҳо пешниҳод гардида, ошкор ва бартараф намудани сабабҳои асосӣ ва омилҳои ҳаракатдиҳандаи экстремизм ва терроризм яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии ин зуҳуроти номатлуб эътироф гардидааст.

Яке аз омилҳои асосӣ дар ин самт осебпазирии муҳити динӣ аз ташвиқоти экстремистӣ бар асари донишҳои ноқифоя, ба таълимоти ғайрирасмии динӣ фарогирии насли наврас, инчунин интишори васеи маводи экстремистӣ дар васоити ахбори омма, хосатан оламии маҷозӣ, дониста шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонун “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” аз 26 марти соли 2009, №489 озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, аз ҷумла ҳуқуқи ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ба ҳар гуна дин ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб, паҳн намудан ва дигар кардани ҳама гуна эътиқоди динӣ ва эътиқодҳои дигар, инчунин мутобиқи онҳо амал кардан кафолат дода шудааст.

Дар қонуни болозикр муқаррар карда шудааст, ки давлат ҷиҳати пешгирӣ намудани таълими ғайриқонунӣ, тарғиб ва паҳн кардани андешаҳои ифротӣ, барангехтани кинаю адовати динӣ ва хусумати мазҳабӣ низоми таҳсилоти диниро таҳти назорат қарор медиҳад. Ҳамчунин, давлат метавонад таълими фанҳои диншиносие, ки хусусияти иттилоотию маърифатӣ доранд, ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимии давлатӣ дохил намояд.

Ба андешаи мо, барои он ки шаҳрвандон оид ба дин ва паҳлуҳои он маълумоти дурусту зарурира гиранд, бояд дар заминаи меъёри зикргардида иттилоот оид ба дин ва маърифати диндорӣ аз ҷониби омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ ба қадри кифоя тадрис дода шавад. Зеро сабаби асосии дарки нодуруст ва фаҳмиши номуайяни дин аз ҷониби шаҳрвандон надоштани маълумоти зарурӣ оид ба дин мебошад. Вақте ки дар сари инсон ба қадри кифоя дониш набошад, ҷойи онро иттилооти дигар мегирад. Андешаҳои ҳар гуна хурофотпарастон дар майнаи сари онҳо ҷой гирифта, манбаи кинаву адоват нисбат ба дигарон, бахусус намояндагони дигар дину мазҳабҳо мегардад.

Маҳз шахсоне, ки дорои чунин ҷаҳонбиниву фаҳмиш ҳастанд, таҳти таъсири ташкилотҳои террористию экстремистӣ қарор мегиранд. Дар тарғиби ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ тавассути шабакаи интернет, ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилотҳои хусусияти террористию экстремистидошта, кӯшишҳои тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ роҳбалад мешавад ва шахсан иштирок низ менамоянд.

Бинобар ин, дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ мондани шакли дурусти омӯзиши иттилоот ва маърифати динӣ баҳри пешгирӣ намудани таълими ғайриқонунӣ, тарғиб ва паҳн кардани андешаҳои ифротӣ, барангехтани кинаю адовати динӣ ва хусумати мазҳабӣ таъсири мусбат хоҳад расонд. Дар ин раванд, аз имкониятҳои низоми маориф, сохторҳои давлатии кор бо оила, занон ва ҷавонон ба таври васеъ истифода бурдан зарур мебошад.

Омили дигаре, ки метавонад ба содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта мусоидат намояд, мавҷудияти ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мебошад, ки ба татбиқи риояи ҳуқуқҳои инсон, таъмини рафтори қонунӣ монеа эҷод менамояд.

Дар муқаддимаи Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия омадааст, ки коррупсия як вабои мудҳиш буда, бо роҳҳои гуногун ҷомеаро фалаҷ месозад. Воқеан ҳам амали мазкур аз рафторҳои ғайримуқаррарии меъёрҳои давлатӣ ва мизони ахлоқии башар аст ва фаъолияти дастаҷамъона бар зидди коррупсия яке аз роҳҳои муқовимат бо амалҳои хусусияти террористию экстремистидошта ба ҳисоб меравад.

Омили дигаре, ки сабабгори паҳншавии ғояҳои хусусияти террористию экстремистидошта мегардад, истифодаи бемаҳдуд ва берун аз назорати шабакаи интернет, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Имрӯзҳо тамоми кишрҳои ҷомеа аз шабакаи интернет истифода мебаранд ва новобаста аз синну сол, соҳаи фаъолият ҳамагон ба он дастрасӣ доранд.

Гарчанде ки дар қонунгузорӣ барои паҳн намудани маълумотҳои хусусияти экстремистию террористидошта, даъвати дигарон бо ин мақсадҳо ҷавобгарии дахлдор пешбинӣ шудааст, аммо боз ҳам ҳолатҳои содир намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо дида мешавад. Зеро, баъзе шахсон бинобар беаҳамиятӣ ва баъзеи дигар қасдона ва бо мақсади ғаразнок даст ба содир намудани онҳо мезананд.

Ба андешаи мо, сабаб дар он аст, ки мо баъд аз содир намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо ҷавобгарӣ муқаррар намудем, вале ҷиҳати пешгирии содиршавии онҳо чораҳои дахлдор наандешидем. Яъне, мо бояд пеш аз истифодаи шабакаи интернет истифодаи онро танзим намоем. Низоми махсуси истифодаи онро муқаррар намоем.

Илму техникаи муосир хеле пешрафта мебошад ва аз ин рӯ, сохторҳои марбутаи давлатиро зарур аст, ки бо ҷалби мутахассисони варзида ва дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои мобилӣ низом ё барномаи махсуси истифодабарии шабакаи интернетро дар кишвар тарҳрезӣ намуда, мавриди истифода қарор диҳанд. Дар он низом ё барнома бояд иҷозаи гирифтани маълумоти дахлдор аз сомонаҳои қонунӣ ва ғайриимкон будани истифодаи сомонаҳои ғайриқонунӣ танзим гардидааст.

Дар воқеъ, омилҳое, ки ба содиршавии ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта мусоидат мекунанд, зиёданд ва муайян кардану бартараф намудани онҳо аҳамияти хеле муҳим дорад. Зеро мақсади асосии муқовимат ба терроризму экстремизм пешгирии онҳо мебошад.

*Мазарифов Манучеҳр-дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносӣ*

*Ин Ватан бе ман тавонад буд ҷовидон, вале,*
*Ман натонам як нафас ҳам зинда бошам бе Ватан. Лоиқ*

Анвори дониш
№4 (349), ҶУМЪА, 03.05.2024

# ИФТИХОРИ ВАТАНДОРӢ ДАР АШЪОРИ МУҲАММАД ҒОИБ

Муҳаммад Ғоиб шоири ватандӯсту ватанпарвар, хештаншинос ва худогоҳ аст. Бештари ашъори Муҳаммад Ғоиб ба худогоҳӣ ва хештаншиносӣ бахшида шудааст. Ӯ дар воқеъ як муаллим ва як эҷодкори ашъори миллӣ ва меҳанист ва шикастҳои таърихию пирӯзиҳои онро ба тасвир мекашад, то тоҷику тоҷикон ба бузургию асолат ва шарофати гузаштаи худ бештар ошно шаванд. Чунки халқи тоҷик дар гузашта ва имрӯз ҳам ҳамчун халқи худшиносу худогоҳ эътироф шудааст. Аз ин рӯ, мо ҳамеша ба фикри фардои дурахшони ин Ватану ин сарзамин бошем, то ояндагон ифтихор аз мову аз имрӯзи Ватан дошта бошанд:

***То бубинӣ некҳоро нектар,***
***Роҳҳоро то кунӣ наздиктар,***
***Суҳбатат аз худшиносӣ сар шавад,***
***То шавад ҳар тоҷике тоҷиктар.***
***Фикри фардои дурахшон мекунӣ,***
***Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ***

Шеърҳои ватандӯстона дар эҷодиёти шоир хеле зиёданд, ки онҳоро адиб бисёр самимӣ ва бо камоли ифтихор сурудааст. Дар ҳар як шеъри ӯ ихлосмандие нисбат ба Тоҷикистон ва халқи шарифи он дида мешавад. Ва шоир ифтихор аз гузаштагони худ мекунаду худро идомадиҳандаи фарҳанги волои онҳо медонад. Ин хислати шоир қариб дар ҳама шеърҳои ӯ дида мешавад ва тозагие ба ҳунари волои ӯ зам мекунад. Аз ҷумла дар шеъри «Ватан» фикру ақидаи Муҳаммад Ғоиб нисбат ба Ватан басо ҷолиб баён шудааст:

***Бо ҳама шодии худ дар ғами оянда манам,***
***Дар хаёли Ватану давлати поянда манам.***
***Уқда дорад агар ин ришта, кушоянда манам,***
***Дар дили кӯчаки ман меҳри бузурги ватан аст,***
***Васфи кишвар ба сад оҳанг сароянда манам.***

Барои шоири бузург на танҳо Ватан, ёру диёр ва халқи бузургвораш азизанд, балки барои шоири воломақом замин, сайёраи мо аз ин ҳам арзиши бештар дорад, зеро дар замин ба дунё омада, камол ёфтааст. Ва Тоҷикистонро ҳамчун ҷон барои худ меҳисобаду ҳамеша аз ӯ фахр дорад. Ба ақидаи қаҳрамон чунин сарзамин дар ягон гӯшаи дунё нест ва Худованд танҳо барои ӯ адо кардааст, аз ин неъматҳо шукр мекунад:

***Тоҷикистон, туӣ ҷон, бо ту фақат зинда манам,***
***Бе ту гирёнаму бо ту лаби пурханда манам.***
***Аз ту мефахраму меболаму фархунда манам,***
***Мулки ҷаннатсифатӣ, доди Худо бахри манӣ,***
***Бахри ту, доди Худо, шукр кунам, банда манам.***

Дар баробари дигар мавзӯъҳои ашъори шоир, як мавзуи асосӣ, ки дар шеъри ӯ бавосита ва ё бевосита ба он таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, мавзуи Ватану миллат мебошад. Ин мавзӯъ аз ибтидои фаъолияти эҷодии шоир то ҳозир бо роҳу усулҳои гуногун ифода шудааст. Ин мавзӯъ, мавзуи доимӣ ва ҷовидонӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Қариб аксарияти шоирон дар мавзуи ватану ватандӯстӣ бо садоқату муҳаббат шеърҳо эҷод кардаанд.

Шоир дар шеъри «Ниёиш» садоқатмандии худро нисбат ба сарзамини худ, Ватани азизаш иброз дошта баён мекунад, ки «Он чӣ ки ман мекунам, бахри Ватан мекунам»:

***Он чӣ ман мекунам, бахри Ватан мекунам,***
***Бахри Ватан мекунам, он чӣ ки ман мекунам.***
***Пуштаи хушкидааш, ҷойи хазондидааш,***
***Аз раҳи дарёдилӣ боғу чаман мекунам.***
***Хаст сароби ватан бахри ман оби ватан.***
***Тӯшакаши гарди ӯ дури Адан мекунам.***
***Шеру палангаш манам, оҳангу сангаш манам,***
***Соҳиби нангаш манам, машқи бадан мекунам.***
***Заҳри ҷафои ватан, шаҳди вафо бар ман аст,***
***Бодаи ин косаро ғуссашикан мекунам…***

Ҷиҳати хуби шеърҳои дар васфи Модар-Ватан сурудаи шоир он аст, ки дар онҳо ҳақиқати зиндагӣ тасвир ёфтааст.

Муҳаббати беинтиҳои шоир нисбат ба зодгоҳу ватанаш дар шеърҳои «Дарди меҳр», «Ватан», «Тоҷикистон», «Васфи диёр», «Худшинос», «Ёди ватан», «Қиблаи умед», «Бигзор гадо бошам, дар хоки Ватан бошам» ва ғайра ба хубӣ баён шудаанд.

Мо дар шеъри «Қиблаи умед» мебинем, ки шоир хонандаро ба як олами фикру андеша ва муҳаббати беандоза нисбат ба як пора хоки Ватан басо самимию дилчасп равона месозад. Вуҷуди шоир аз ҳар санги кӯҳу ҳар қатра об ва ҳар порча хоки зодгоҳаш таркиб ёфтааст. Бинобар ҳамин ӯ ҳар санги кӯҳ, ҳар хонаву дар, ҳар пораи замин ва ҳар қатраи оби зодгоҳ ва Ҷумҳурии азизашро аз дилу ҷон дӯст медорад ва бе он мавҷудияти худро тасаввур карда наметавонад. Дар назди оламиён фахр дорад, ки маҳз дар ҳамин сарзамин, дар Тоҷикистон тавлид ёфта, машҳури оламиён гаштааст:

***Теппаи хокат ба каф дар ҳама ҷо бо ман аст,***
***Ҳар гулу ҳар як алаф дар ҳама ҷо бо ман аст.***
***Савти хуши тору даф дар ҳама ҷо бо ман аст,***
***Хотираҳо саф ба саф дар ҳама ҷо бо ман аст.***
***Дар ҳама ҷо, эй ватан, нестам аз ту ҷудо,***
***Ҳадяи қимматтарин бахри манӣ аз Худо.***



Муҳаммад Ғоиб устоди моҳири тасвири лирикаи ҳаёт ва ғояҳои олии ватандӯстона мебошад. Аз ин рӯ, лирикаи ҳаёт аз доираи муқаррарии мафҳум берун рафта, лиризм яке аз хислатҳои барҷастаи устод Муҳаммад Ғоиб шудааст. Назми шоир тадриҷан аз оҳанги назми кӯҳна озодшуда, бо мундариҷаи бою баланди худ, бо тасвири амиқи ҳаёт, вусъати доираи муҳокима, бикрбаёнии мутафаккирона, санъати бойи бадеӣ ва зебоию услуби ба худ хоси ҷозибадор пурраву қатъӣ ба реализми воқеӣ даромад ва мақому симои шоирии шоир бузургро дар адабиёти муосири тоҷик муайян намуд.

Устод Муҳаммад Ғоиб дар ашъори худ таърихи муборизаҳои озодихоҳии халқ, таърихи меҳнату муборизаҳои бунёдкоронаи халқ, табаддулоти рӯзафзуни сиёсиву иқтисодӣ, маънавию фарҳангии нав ба одамонро ба риштаи назм кашидааст, ки ин аз худшиносии шоир дарак медиҳад:

***То бубинӣ некҳоро нектар,***
***Роҳҳоро то кунӣ наздиктар,***
***Суҳбатат аз худшиносӣ сар мешавад,***
***То шавад ҳар тоҷике тоҷиктар.***
***Фикри фардои дурахшон мекунӣ,***
***Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.***
***Мум кардӣ бо навозиш сангро,***
***Пеш бигрифтӣ раҳи фарҳангро.***
***Рӯҳи Сомонӣ бигӯяд гӯиё:***
***Ҳифз кун мӯҳру ливои нангро.***
***Фикри фардои дурахшон мекунӣ,***
***Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.***

Бояд донист, ки ғояи ватандӯстӣ, эҳтироми беандоза ба меҳан, ба модар дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб мақоми хоса дорад. Аз китоби ӯ «Ифтихор» маълум мегардад, ки шоир ба Ватан, ба халқи азизи худ, ба падидаҳои ҳаёти нав муҳаббати беандоза дорад. Масалан дар шеъри «Васфи диёр» ин ҳиссиёти гарми шоир баръало мушоҳида мегардад:

***Гӯшаи танги Ватан бошад зи паҳноҳо кушод,***
***Хонаи пасташ баланд аст аз ҳама қасри мурод.***
***Маскани осудагию зиндагӣ бошӣ, Ватан,***
***Нест аз он дилфаротар ҷо бароям умрбод.***

Дар чунин ҳолатҳо муваффақиятҳои эҷодии шоир бештар назаррас мебошад. Ба ин маънӣ, ки ӯ ба масъалаи ахлоқи ҳамида диққати ҷиддӣ додааст. Аз нигоҳи шоир шеър ва ахлоқ бародаранд. Чунон ки сиришти одами хушахлоқ, боодоб ва некӯкор як навъ шеърият дорад, шеъри асил ҳам аз ахлоқи ҳамида бархӯрдор аст. зеро ахлоқи хуб сифати баланди инсонӣ аст, шеъри хуб зодаи табъи баланд ва воситаи муҳимми тарбияи ахлоқи писандида мебошад. Маълум аст, ки мавзуи мазкур аз замонҳои қадим, аз аҳди Рӯдакӣ сар карда, боиси таваҷҷуҳи ҳама шоирон гардида буд ва вайронии ахлоқ барҳамдиҳандаи ҷомеа хоҳад гардид.

Дар лирикаи Муҳаммад Ғоиб мазмунҳои ватандорию ватанхоҳӣ, меҳнатдӯстӣ, аҳду вафо, садоқат, меҳрубонӣ, иззату икроми ҳамдигар аз ибтидои фаъолияти эҷодии ӯ ба назар мерасад. Ифтихор аз Ватану муҳаббат ба хоку оби ин диёр ва тасвири манзараҳои дилкаши ин сарзамини биҳиштосо мавзуи асосии ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоибро ташкил медиҳад:

**Ватан мегӯям аз рӯзе, ки ман фаҳми сухан дорам,**
**Сухан мегӯям аз рӯзе, ки ман меҳри Ватан дорам.**
**Вафою эътиқоду ифтихорам – қаҳрамононам,**
**Ба ин ҷамъияти худ гуфтугӯю анҷуман дорам.**
**Ба дил раҳму ба ҷон сӯзу ба хун нангу ба чашмон меҳр,**
**Тамоми хулқи ибратбахши миллат дар бадан дорам.**
**Гирифтам аз ниёгон дарси номуси ватандорӣ,**
**Насими бӯи гулбоғи нав аз боғи куҳан дорам.**

Аз байтҳои зерин аён аст, ки яке аз бузургтарин ва шарифтарин дастовардҳои адабиёти тоҷик иттиҳоду ваҳдат ва ростию дӯстии халқҳост ва ин мафҳуми тоза ғояи асосӣ, тору пуди шеъри устод Муҳаммадро ташкил дода, аз суннатҳои адабиёти хаттӣ ва шифоҳии халқи бофарҳангу соҳибтамаддуни мо махсуб меёбад. Чунончи:

***Аз қисмати пурдаҳшати фардои диёрам,***
***Хоҳам, ки бигирям, дигар овоз надорам.***
***Нозам ба Ватан, бе Ватан азбаски Муҳаммад,***
***Як ҳалқа ҳам аз силсилаи ноз надорам.***

Ҳурмат ва эҳтироми зиёд ба шеър ва шахсияти Муҳаммад Ғоиб дар он зоҳир шудааст, ки қудрати шоирӣ, дар меҳвари эҷодиёташ қарор додани масъалаҳои қисмати азалӣ, тақдири таърихии Ватану миллат, ба сарнавишт ва зиндагии инсон мебошад. Вай тавассути шеъраш баҳри худогоҳию худшиносии миллат ва бузургдошти мақоми инсон ҳамеша талош варзидааст.

Бо марҳамати Офаридгор симои дилкаш ва ҷазоби шоир бо ашъори тару тоза, рӯҳафзою ҷонбахш, поку беолоиш ва мӯъҷизаосои ӯ тавъам афтида, ки ин маҳбубияти Муҳаммад Ғоибро беш аз пеш дар дилу дидаи ворисону халқи тоҷик афзун менамояд.

Устод Муҳаммад Ғоиб шоирест, ки баробари замони худ қадам мегузорад, аз ҳавои қарни худ нафас мекашад. Дарду ҷароҳатҳои замонашро дар дили худ эҳсос мекунад, бештар аз дигарон дард мекашад, бо ашъори баландғояву баландпоя на танҳо шахсияти худро, балки миллати тоҷикро тавонист ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд:

***Дар дили сози вуҷуди худ олам мепарварем,***
***Баҳри як оҳанг садҳо зеру бам мепарварем.***
***Хандаҳои лаҳзагӣ боди ғуборолуда аст,***
***То ба ҷо монем, гирён гашта нам мепарварем…***
***Шоирӣ бошад Муҳаммад ҷонкании умрбод,***
***Зиндагию марги худро мо ба ҳам мепарварем.***

Бояд тазаккур дод, ки лиризм яке аз хусусиятҳои барҷастаи назми адиб мебошад. Назми шоир тадриҷан бо мундариҷаи бою баланди худ, вусъати доираи муҳокима ва амиқии фикр, бикрбаёнии мутафаккирона, суварнигории калом ва зебоию услуби ба худ хоси ҷозибадор пурраву қатъӣ дар зумраи адабиёти классикӣ ворид гашта истодааст.

Хулоса, Муҳаммад Ғоиб чун абармарди сухан соҳиби табъу завқи баланди мисли қуллаҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистони азиз мебошад. Ӯ ҳамчун ташнадил ба дарёи пурҷӯши илму адаб, фарҳанг, ба олами андешаҳои ширини қаламкашҳои пешин сар фурӯ бурда, барои худ гавҳари маънӣ ба даст овардааст. Лирикаи гарму нарм ва ватандӯстонаи шоир дар шакли суруду таронаҳои дилкушою дилнишин дар дилу ҳисси оммаи хонандагон ва шунавандагон ҷой гирифтааст. Ашъори шоир касро зиндадилу рӯҳбаланд мекунад, зебоии ҳаётро талқин менамояд, азму иродаи бунёдкоронаи аҳли ҷомеаро афзунтар ва мукаммалтар менамояд.



*Ҷалилов Ғолиб - унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷик*

# ФОРУМИ РЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН




15.04.2024 дар шаҳри Тошканд Форуми дуюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оғоз гардид, ки дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шарипов Конгратбай, Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар иштирок намуданд. Дар форуми мазкур ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек ва муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Худойдодова Шарофат иштирок доранд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ифтитоҳи форум нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёевро дар баргузории чунин чорабинии сатҳи баланд махсус қайд намуда, иброз дошт, ки шуруъ аз соли 2017 ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаҳои илму маориф вусъати тоза пайдо кард.

Қайд гардид, ки соли гузашта дар шаҳри Душанбе Форуми якуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон баргузор гардид, ки дар он 20 шартномаи ҳамкории байнидонишгоҳӣ ба имзо расид. Дар натиҷаи ба имзо расидани чунин созишномаҳо шумораи зиёди донишҷӯёни тоҷику ӯзбек дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ду кишвар таҳсил намуда, соли гузашта беш аз 100 нафар омӯзгорони донишгоҳҳои Тоҷикистон аз муассисаҳои таҳсилоти олии Ӯзбекистон дидан карданд.



Форуми дуюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Донишгоҳии давлатии иқтисоди Тошканд бо иштироки намояндагони 17 донишгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 28 донишгоҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон идома ёфт. Дар доираи ин форум як қатор шартномаҳои ҳамкорӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар баста шуд.

Ёдовар бояд шуд, ки дар доираи ин Форум Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд, Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканд, Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Тошканд, Донишгоҳи давлатии техникии Ӯзбекистон ба номи Ислом Каримов, Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

Ҳадаф аз баргузории Форуми мазкур таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди МТОК-и ду кишвар бо мақсади рушди соҳаи маориф, илм ва инноватсия, ҳамгироии барномаҳои гуногунсамти таълимӣ, табодули таҷрибаи байниҳамдигарӣ арзёбӣ мегардад.

*Тошматов Умарҷон, «Анвори дониш»*

# ҲИМОЯИ 5 РИСОЛАИ НОМЗАДӢ ДАР ЯК МОҲ



Дар таърихи 08.04.2024, омӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими они факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ - **Бобоев Комрон Одилович**, дар мавзуи «Асосҳои технологии коркарди маъданҳои урандори кони «Тоҷикистони Шимолӣ-2 ва партовҳои маҳфузгоҳи Адрасмон», зери роҳбарии доктори илмҳои химия, академик Мирсаидов Ульмас Мирсаидович ҳимояи рисолаи илмиашро дар Шурои диссертатсионии муштараки 6D.KOA-042 назди Институти кимиё, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D072001- Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ муваффақона дифоъ намуд.

********



Дар таърихи 12.04.2024 муаллими калони кафедраи биология ва методикаи таълими они факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - **Намозов Амонулло Каримхонович**, рисолаи илмиашро дар мавзуи «Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-064 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, зери роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ-Назиров Ҳикматулло Нуралиевич, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ муваффақона дифоъ намуд.

********



Санаи 13.04.2024 унвонҷӯи кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - **Аламова Хатичамо Туйбошиевна**, рисолаи илмиашро дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор-Мирзоев Абдулазиз Раҷабович, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02-Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (физика) муваффақона дифоъ намуд.

********



Дар таърихи 18.04.2024 ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, **Валиева Ҳалима Субҳонқуловна** рисолаи илмии худро дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ», зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Сафаров Умархоҷа Раҳимович дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ бомуваффақият ҳимоя намуд.

********



Санаи 20.04.2024 муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ - **Давлатов Файзидин Ҷамилович**, рисолаи илмии худро дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии феълҳои ифодакунандаи мафҳуми тафаккур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» зери роҳбарии Саидзода Ҳалим Азиз - доктори илмҳои филология, профессор дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Точикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ муваффақона дифоъ намуд.

**Раёсат, ҳайати профессорон ва омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳаққиқон ва роҳбарони илмии онҳоро барои бомуваффақият ба итмом расонидани рисолаи илмӣ, ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо табрику шодбош гуфта, ба онҳо тани сиҳату умри дароз ва дар фаъолияти минбаъдаи илмиву таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ барору комёбиҳои беназир ва дастовардҳои навини илмиро таманно менамоянд.**

*«Анвори дониш»*

Накде, зи ту дар бахои донии биравад,
Вақт асту чи хоҳиш, чи нахоҳиш, биравад. Р. Ваххоб



# БАРГУЗОРИИ СЕМИНАР-МАШВАРАТ ДАР ДОНИШГОҲ



Дар асоси протоколи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷаласаи комиссияи озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" аз 14 марти соли 2024, №1, ҷиҳати иҷрои талаботи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" бахри дар сатҳи баланд ва ба таври шаффоф гузаронидани даврҳои якум ва дуюми озмуни мазкур дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ санаи 4-уми апрел семинар-машварат барои ҳайати комиссияи ҳакамон ва масъулини шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб аз тарафи гурӯҳи кории Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Семинарро Файзиддин Курбонзода намояндаи ҳукумати вилояти Хатлон оғоз намуда, мақсад аз ташкили семинар-машваратро иброз доштанд.

Сипас, Раҷабзода Сироҷиддин – директори Институти таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Маҷидов Одинабой – мудири шуъбаи география ва зондкунонии АМИТ тариқи рӯнамо (презентатсия) баромад намуданд. Зимни баромади хеш доир ба шартҳои иштирок дар озмун, дуруст омода намудани ҳуҷҷатҳо барои пешниҳод намудан, тартиби баргузории озмун ба аҳли нишаст маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.

Дар охир миёни аҳли нишаст саволу ҷавоб ва мубодилаи афкор сурат гирифт ва иштирокчиён тавсияҳои худро бахри боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани кори озмун пешниҳод намуданд.

*Тошматов Умарҷон, «Анвори дониш»*

# КОНФЕРЕНСИЯИ ҶАМЪБАСТИИ ЛОИҲАИ ТРИГГЕР

24.04.2024 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ конференсияи ҷамъбастии лоиҳаи ТРИГГЕР "Ҷалби равандҳои инноватсионӣ ва малакаҳои соҳибкорӣ барои донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бо кор таъминкунии хатмкардагони донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ" (617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP TRIGGER) бо иштироки омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардид.



Маврид ба зикр аст, ки донишгоҳ шарики лоиҳаи мазкур буда, лоиҳа аз соли 2021 инҷониб дар донишгоҳ татбиқ мегардад. Дар доираи лоиҳа 15 нафар омӯзгорони донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи касбият дар се муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Аврупо ва шаҳри Намангони Ҷумҳурии Узбекистон дар омӯзишҳо дар самти "Рушди малакаҳои соҳибкорӣ ва бакортаъминшавии хатмкунандагон" иштирок намуда буданд. Натиҷаҳои омӯзиш аз ҷониби иштирокчиён дар донишгоҳ бо роҳи баргузории тренингҳо ба омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ омӯзонида шуд.

Ҳамзамон, дар доираи лоиҳаи мазкур ба маблағи 5000 евро китобҳои муосир дар самти рушди малакаҳои соҳибкорӣ ҳамчун дастурамали таълимӣ, харидорӣ ва ба донишгоҳ ворид карда шуд.

*Тошматов Умарҷон, «Анвори дониш»*

# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ШУРОИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ШАҲРИ КӮЛОБ ДАР ДОНИШГОҲ

24.04.2024 дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷаласаи Шурои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳри Кӯлоб баргузор гардид, ки дар он раиси Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳр, прокурори шаҳри Кӯлоб-Ғанизода Мансур Қаддаммурод, Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, ҳамзамон ректори Донишгоҳ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - Раҳмон Дилшод Сафарбек, роҳбарону намояндагони сохторҳои марбута ва фаъолон иштирок намуданд.

Дар ҷаласа масъалаҳои мубрами рӯз, ҳолати риоя ва иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025» дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳри Кӯлоб дар давраи соли 2023 ва семоҳаи аввали соли 2024 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.



Таъкид гардид, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат 9 марти имсол таъкид намуданд, ки «Тоҷикистон имрӯз ба сифати ҷумҳурии пешсаф дар самти мубориза бо терроризму экстремизм эътироф гардида, дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок мубориза мебарад. Ҳар яки мо дар назди наслҳои имрӯзу оянда вазифадор ҳастем, барои тақдири Ватан, давлат ва миллат масъулият дорем, то рӯ ба мактабу маориф оварем, барои фарзандонамон шароит муҳайё кунем, ки бесавод намонанд, илму дониш омӯзанд ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намоянд».

Баромадкунандагон дар заминаи таҳлилу баррасиҳо сабабҳои асосии ҳамроҳшавии ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротгарой, терроризму экстремизм ва ҳизбу ҳаракатҳои тундрав паст будани сатҳи маърифатнокӣ, таълиму тарбия, носолимии оила, мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ арзёбӣ намуданд.

Дар идома фаъолияти мақомоти прокуратураи шаҳри Кӯлоб дар давраи соли 2023 ва семоҳаи аввали соли 2024 натиҷагирӣ шуд. Таъкид шуд, ки аз ҷониби роҳбарият ва кормандони прокуратураи шаҳри Кӯлоб дар ҷамоатҳои деҳоту маҳаллаҳо, масҷидҳо, корхонаву ташкилоти шаҳри Кӯлоб бо аҳолӣ барои пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм, инчунин хурофотпарастию рафтори ношостаи бархе ҷавонон суҳбату вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешаванд.

*Мунисаи Маҳмарабӣ, «Анвори дониш»*

# ДАСТОВАРДИ ВАРЗИШИИ ДОНИШҶӮЁН АЗ МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ



Аз санаи 16 то 18-уми апрели соли 2024 бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба гуштини "Самбо" миёни ҷавонон баргузор гардид.

Дар ин мусобиқа донишҷӯёни зерини факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд:

Курбонов Эмомалӣ – донишҷӯи курси якум дар вазни 53кг сазовори ҷойи якум ва бо дипломи медали тилло сарфароз гардонида шуд.

Мирзоев Умар – донишҷӯи курси сеюм дар вазни 63кг сазовори ҷойи якум ва бо дипломи медали тилло сарфароз гардонида шуд.

Курбонов Абдулло – донишҷӯи курси якум дар вазни 71кг сазовори ҷойи якум ва бо дипломи медали тилло сарфароз гардонида шуд.



Аз санаи 17 то 21 апрели соли 2024 дар шаҳри Андиҷони Ҷумҳурии Узбекистон чемпионати кушоди "ТАЭКВАНДО-WTI" баргузор гардид, ки дар мусобиқаи мазкур Дилнозаи Ҳикматулло, донишҷӯи курси 2-юми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иштирок намуда, дар вазни 49кг сазовари ҷойи аввал ва соҳиби медали тилло гардид.

Ҳамчунин Мирмадиев Абдукаюм-донишҷӯи курси 2-юми факултети молиявию иқтисодӣ ба гирифтани ҷои сеюми мусобиқаи мазкур шарафёб гардид.

**Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ донишҷӯёнро барои ин музаффарият самимона табрик гуфта, дар корҳои минбаъдаашон барор меҳоҳад.**

*Тошматов Умарҷон, «Анвори дониш»*

# ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ

Раванди сиёсии кишвар собит месозад, ки татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар мехвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошт. Дар ин давра мулоқоти аввалини роҳбари давлат, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар 2-юми феврали соли 1993 баргузор гардид. Махсусан, қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» нишон дод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати худ ба ҷавонон такя карда, тарбия намудан ва ба камол расонидани насли ҷавону созандаро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ медонад.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти баланд бардоштани мақоми ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа тамоми шароити зарурӣ муҳайё буда, барои амалӣ намудани ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои судманд амалӣ гашта истодааст.

Ба душвориҳои ибтидои замони соҳибистиқлолӣ нигоҳ накарда, Пешвои миллат нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла беҳдошти вазъи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар ва мавқеи хоса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа тавaҷҷӯҳи махсус зоҳир намуданд. Махсусан, бо ташаббуси Президенти кишвар аз соли 1997 Квотаи президентӣ ҷудо гардид, ки ин як иқдоми сариваќтӣ ҷиҳати тарбияи кадрҳои маҳаллӣ ва дастгирии ҷавонони донишманду кордон, аз ҷумла, духтарони деҳот буд.

Ҳамчунин, ҷиҳати ҳавасмандгардонии олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 20-уми марти соли 1998 таҳти №967 ҷоизаи ба номи "Исмоили Сомонӣ" таъсис ёфт. Дар ин баробар дар кишвар 23-юми май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон гардид, ки аз соли 1998 дар кишвар ҳамасола ин рӯз ҷашн гирифта мешавад. Бо мақсади дастгирии шахсони болаёқат ва таҳсил намудани мутахассисон дар хориҷи кишвар аз ҳисоби фонди махсуси Сарвари давлат стипендияи



байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» таъсис дода шуд, ки дар ин самт фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми августи соли 2008, №502 ба тавсиб расидааст. Тавассути чунин иқдом ҷавонони зиёде дар дохил ва хориҷи мамлакат дар бахшҳои мухталиф таҳсил карда, соҳиби касбу ихтисосҳое шуда истодаанд, ки барои кишварамон зарур мебошанд.

Ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад.

Бояд қайд намуд, ки эълон гардидани соли 2017 ҳамчун "Соли ҷавонон" дастовардҳои беназиртарину нотакрор дар ҳаёти ҳар як ҷавони саодатманди кишвар буд. Ҳамчунин, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои миллии кор бо ҷавонон таъсис дода шудааст, ки намунаи олии эҳтиром ва эътимоди Сарвари давлат ба ҷавонон буда, аз сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои миллат дарак медиҳад. Иқдоми мазкур бори дигар собит месозад, ки Президенти кишвар дар таҳкими бунёди сиёсати давлатдорӣ ва эъмори ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд сиёсати давлатии ҷавононро яке аз самтҳои ҳадафноки Ҳукумати мамлакат арзёбӣ намудааст.

Тавре Пешвои миллат қайд намуданд: "Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд. Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд".

Воқеан, дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои зиёд ноил гардид ва дар оянда маҳз ҷавонон метавонанд барои рушду густариши онҳо саҳмгузор бошанд. Махсусан дар вазъи мураккаби зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, дигаргуниҳои геополитикӣ ташаккули тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро пеш аз ҳама, ғояи таҳкими истиқлолияти давлат, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амният, ҳифзи тамомияти арзӣ ва татбиқи манфиатҳои умумимиллӣ бояд ташкил диҳанд.

Мо ҷавонон, дар партави сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои муаззами миллат кӯшиш мекунем, ки пеш аз ҳама зиракии сиёсиро аз даст надода, бо истифода аз донишу маҳорат ва қобилияту малакаи касбӣ, бо дасту дили гарм дар шукуфоии Ватани маҳбубамон саҳми арзандаи худро гузорем.



*Разоқов Наврӯз-сардори шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳ*

## СУРУДИ ВАТАН

**Гуфтам Ватан, чаман – чаман ин анҷуман шукуфт,**
**Гуфтам Ватан чу гул ба лабонам сухан шукуфт.**
**Гуфтам Ватан – Ватан ҳама дашту даман шукуфт,**
**Уммеди ман, муҳаббати ман дар Ватан шукуфт.**

**Эй сарзамини аввали назорраи Худо,**
**Эй аз ҳазор раҳни раҳӣ раставу раҳо,**
**Эй осмони ту ватани офтоби пок,**
**Эй остони ту ватани нангу ори мо!**

**Эй кишвари калому саломи хуҷастагон,**
**Бар даҳр аз ту рафт паёми хуҷастагон!**
**Озода зоди меҳани озодагон туӣ,**
**Дар номи туст партави номи хуҷастагон!**

**Ҷону дилам чу оби зулолат зулол бод!**
**Ризқам чу нони мардуми покат ҳалол бод!**
**Номат чу шеъри Рӯдакӣ баъд аз ҳазор сол**
**Ин гуна дилпазир, чунин безавол бод!**

**Хоки ту бӯи меҳру вафо мекунад Ватан!**
**Номи ту атри ишқи Худо мекунад Ватан!**
**Овои обшори зулолат ба лаҳни пок**
**Моро ба ишқи пок садо мекунад Ватан!**

***Камол НАСРУЛЛО-Шоири халқии Тоҷикистон***

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотӣ ва билети донишҷӯие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 3-юми факултети молиявию иқтисодӣ Ғуломов Умед (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2021 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 3-юми факултети филологияи хориҷӣ Зокиров Раҷабалӣ (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети физика ва математика Сомончони Файзулохоҷа (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 2-юми факултети иқтисод ва идора Суюнов Фахриддин (таҳсили фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2023 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 1-уми факултети физика ва математика Меҳрубони Курбоналӣ (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2022 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба магистранти курси 2-юми факултети омузгорӣ ва фарҳанг Абдуллоева Нилуфар додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва идора Мавзунаи Асламхон (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети филологияи рус Ҷурабеков Дилшод Александрович (таҳсили рӯзона) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дафтарчаи имтиҳонотие, ки соли 2020 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва идора Ҷумаев Изатулло (таҳсили фосилавӣ) додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

******

Дипломи силсилаи ДТК №0009536, ки соли 2007 аз тарафи Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Ҳамидова Оростамо Зубайдуллоевна дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

*Салоҳи зиндагониро ба ҷонам дӯст медорам,*
*Шабу рӯзи амониро ба ҷонам дӯст медорам. Ашӯр Сафар*



**Ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати мамлакат ба шумор меравад, зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ҷавонони мо, ки насли замони истиқлол мебошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар ҳимояи марзу буми Ватан, амнияти мардум ва давлати Тоҷикистон, сохтмонҳои бузурги аср, аз ҷумла Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва пешрафти илму фарҳанг саҳми бисёр назаррас гузошта истодаанд.**

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*



## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

Раёсат, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи «Анвори дониш» омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки дар моҳи майи солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздон барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!

Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффақият пайваста амалӣ гардад.

*1. АКРАМОВА РУХШОНА, 01.05.1973, н.и.ф-м., мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;*
*2. РАҲИМОВ ДОСТӢ, 01.05.1952, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;*
*3. ИБРОҲИМ ГРЕЗ, 03.05.1943, н.и.п., дотсенти кафедраи педагогика;*
*4. ҶАЛИЛОВ ҒОЛИБ, 03.05.1984, ассистенти кафедраи мудофияи граждании ва ОДҲ;*
*5. ҲАФИЗЗОДА АЛИШЕР, 04.05.1992, мутахассиси маркази бақайдгирӣ, тестӣ ва таҳсилоти фосилавӣ;*
*6. КАРИМОВ ГАДОМАД, 05.05.1961, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ;*
*7. КАРИМОВ ИСРОИЛ, 05.05.1989, муовини декан оид ба тарбияи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;*
*8. ҲУСЕЙНОВА ФАРИДА, 05.05.1991, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ;*
*9. АЛИЕВ ДИЛШОД, 06.05.1975, ассистенти кафедраи забони русии умумидонишгоҳӣ;*
*10. НАЗАРОВ МУРОДАЛӢ, 07.05.1990, н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;*
*11. ҲИСАЙНОВ ДАЛЕР, 08.05.1989, муаллими калони кафедраи биология ва методикаи таълими он;*
*12. ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, 09.05.1939, д.и.п., профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
*13. СИТОРАИ АБДУРАСУЛ, 09.05.1990, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон.;*
*14. САФАРОВ АМИРАЛӢ, 10.05.1957, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит;*
*15. МАҲМУДОВ БАҲРИДДИН, 11.05.1971, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ;*
*16. ОДИНАЕВА АДИБА, 11.05.1989, корманди бахши хоҷагӣ;*
*17. ҚУРБОНОВ БОЗОР, 12.05.1943, муалими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ;*
*18. СУЛАЙМОНОВ УБАЙДУЛЛО, 12.05.1992, мутахассиси шуъбаи ТАКИП;*
*19. ҲУСЕЙНОВ РУҲУЛЛО, 12.05.1989, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
*20. ТЕШАЕВ МИРЗОШАРИФ, 14.05.1986, н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва қарз;*
*21. ХОҶАЕВ ИСРОИЛ, 14.05.1993, ассистенти кафедраи химия ва методикаи таълими он;*
*22. БОБОХОНОВА ФОТИМА, 15.05.1972, сариқисодчӣ, корманди шуъбаи ҳисоб;*
*23. ҚУРБОНЗОДА РУДОБА, 15.05.1995, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ;*
*24. ЛУТФИЯИ ҶУРАХОН, 15.05.1992, ассистенти кафедраи МТФ ва ТМ;*
*25. МИРЗОЕВ ҒОИБ, 15.05.1944, н.и.ф., дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;*
*26. САНГИМАДОВ ФАРӮХ, 15.05.1979, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ;*
*27. ҒУЛОМОВ ЗИКРУЛЛО, 17.05.1993, н.и.и., мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг;*
*28. МУСОЕВА ҶАМОЛБӢ, 17.05.1965, ассистенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ;*
*29. ФАЙЗИЕВ ПУЛОД, 17.05.1964, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;*
*30. ШАРИПОВ АЛАМШО, 17.05.1980, н.и.т., и.в. дотсент, мудири кафедраи илмҳои компютерӣ;*
*31. ҲОФИЗОВ АЛИШЕР, 18.05.1988, н.и.п., муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавии факултети физика ва математика;*
*32. ҶАҲОНГИРИ РУСТАМШОҲ, 18.05.1988, н.и.ф., и.в. дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;*
*33. АМИРХОНОВА МАНЗУРА, 20.05.1989, корманди бахши хоҷагӣ;*
*34. ТОИРОВ ШЕРМАД, 20.05.1963, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон;*
*35. МИРЗОЕВ НЕКҚАДАМ, 21.05.1994, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;*
*36. БОБОХОНОВА МОСАФАР, 22.05.1968, ассистенти кафедраи мудофияи граждании ва ОДҲ;*
*37. НАЗИРМАДОВА МАЙДАМО, 22.05.1973, корманди бахши хоҷагӣ;*
*38. БОТУРОВА ЗИЛҚАДА, 25.05.1976, ассистенти кафедраи биология ва методикаи таълими он;*
*39. НАЗАРОВА ГУЛНИГОР, 26.05.1981, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*40. ҲАСАНОВ БАХТИЁР, 27.05.1981, мутахассиси раёсати тарбия;*
*41. ЧОБИРОВ ШОКИРҶОН, 29.05.1991, ассисенти кафедраи сиёсатшиносӣ;*
*42. ШАРИФОВА ЗАМИРА, 29.05.1976, лаборанти калони кафедраи математика ва методикаи таълими он;*
*43. АФИЗОВ СУҲРОБ, 30.05.1988, муаллими калони кафедраи методикаи таълими информатика;*
*44. СИРОҶОВА ТАХМИНА, 31.05.1981, муаллимаи калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ;*
*45. ШОИНОВ ҲАСАН, 31.05.1957, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърих;*

*Таҳияи Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус*

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
*доктори илмҳои фалсафа, профессор*
АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*
ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
*доктори илмҳои таърих, профессор*
МИРЗОЕВ САЛИМ,
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
РАФИЕВ САФАРХОН,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
САФАРЗОДА МУНИР,
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент*

САРМУҲАРРИР:
МУҲАММАДҶОНИ АБДУВОҲИД

ТАРРОҲИ КОМПЮТЕРӢ:
ИБРОҲИМИ ЮСУФ

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Рӯзнома на ба ҳама афкори муаллифон мувофиқ аст ва андешаҳои мухталифро ба хотири риояи гуногунандешӣ ба табъ мерасонад.

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст.
Сифати чопи рӯзнома ба дӯши матбаа аст
Адади нашр: 5000 нусха

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Мавод бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3-31-15,
мобилӣ: 988-12-32-34; 555-57-59-63

БО МО ҲАМРОҲ БОШЕД!
СОМОНА | FACEBOOK